# МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# МАЪРӮЗАИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2011

ДУШАНБЕ – 2012

**Хонандаи мӯҳтарам!**

Маводи мазкур Маърӯзаи дуюми Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Чуноне, ки ба Шумо маълум аст, мақомоти номбурда бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи майи соли 2009 таъсис ёфта буд.

Дар ин муддат мақомоти Ваколатдор тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» корҳои мушаххасро амалӣ гардонд. Аз ҷумла, Стратегияи фаъолияти мақомот барои солҳои 2011-2015 таҳия ва тасдиқ гардид, ки дар он афзалиятҳои фаъолияти мақомот муайян гардида, дар соли 2011 онҳо мавриди амал қарор дода шуданд.

Дар Маърӯза вазъи ҳуқуқи инсон дар мамлакат дар соли 2011, пешравию камбудиҳои мавҷуда дар ин самт, инчунин тавсияҳои дахлдор оид ба ҳалли онҳо пешбинӣ шудаанд.

Бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таърихӣ, яъне 20 – солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар радифи пешравиҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсӣ дар такомулу пешрафти ҳуқуқи инсон низ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Ҳимояи муваффақонаи нахустин Шарҳи умумии даврӣ (моҳи октябри соли 2011), муколамаҳои дутарафа ва бисёртарафа бо Иттиҳоди Аврупо, ИМА, давлати Швейтсария, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, конфронсу семинарҳои гуногунсатҳ аз қабили комёбиҳои мо мебошанд.

Боварӣ дорам, ки Маърӯзаи пешниҳодшуда мавриди баррасии мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҳар фарди ҷомеа қарор гирифта, ба пешрафти минбаъдаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

**Бо эҳтиром,**
**Ваколатдор оид**
**ба ҳуқуқи инсон** **З. Ализода**

# МУНДАРИҶА

| | | |
|---|---|---|
| | Пешгуфтор | 4 |
| 1. | **ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2011** | |
| 1.1. | Натиҷаҳои фаъолият аз рӯи самтҳо | |
| 1.1.1. | Муроҷиати шаҳрвандон | 6 |
| 1.1.2. | Такмили қонунгузорӣ | 10 |
| 1.1.3. | Баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон | 11 |
| 1.1.4. | Ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон | 12 |
| 1.1.5. | Таҳкими иқтидори дохилии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон | 16 |
| 1.1.6. | Санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон | 18 |
| 2. | **ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** | |
| 2.1. | Ҳуқуқи дастрасӣ ба адолати судӣ | 19 |
| 2.2. | Озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф | 24 |
| 2.3. | Ҳуқуқ ба ҳимоя | 29 |
| 2.4. | Ҳуқуқ ба ҳаёт ва бекор кардани ҷазои қатл | 33 |
| 2.5. | Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида | 35 |
| 2.6. | Ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма | 43 |
| 2.7. | Ҳуқуқи шахсони имкониятҳои ҷисмонӣ ва рӯҳиашон маҳдуд | 47 |
| 2.8. | Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ | 52 |
| 2.9. | Ҳуқуқ ба меҳнат | 54 |
| 2.10. | Ҳуқуқҳои кӯдак ва ҳифз аз зӯроварӣ дар оила | 57 |
| 2.11. | Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо | 63 |
| 2.12. | Ҳуқуқ ба таҳсил | 69 |
| 2.13. | Ҳуқуқ ба моликият ва манзил | 72 |
| 2.14. | Ҳуқуқ ба саломатӣ | 76 |
| 2.15. | Баробарии гендерӣ | 79 |
| 3. | **ХОТИМА** | 83 |

# Пешгуфтор

Соли 2011 - соли ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мамлакат марҳилаи муҳими рушди демократия ва таъмини ҳуқуқи инсон гардид. Дар ин сол Тоҷикистон бо иқдому ташаббусҳои муносибаш, бо тавсеаи робитаҳои байналмилалӣ, баргузории чорабиниҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва муҳокимаҳои шаффофу ошкоро оид ба масоили мухталифи ҷаҳони муосир дар маркази таваҷҷӯҳи ҷомеаи байналмилалӣ қарор дошт.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ ба талошҳои Тоҷикистон ҷиҳати таҳким бахшидан ва муҳайё намудани шароити зарурӣ барои ҳифзи ҳуқуқи инсон баҳои сазовор доданд. Масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва ҳифзи он аз ҷумлаи мавзӯъҳои асосии барномаҳои сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Аврупо ва муколамаи Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо буданд.

Дар соли 2011 мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ 84 чорабиниҳои гуногунро доир намуд. Аз ҷумла, бо ибтикори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 16 ҷаласаҳои машваратӣ, конфронсҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳо ташкил ва гузаронида шуданд.

Фаъолияти мақомот дар робитаи зич бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ роҳандозӣ шуда, ҳамкориҳо бо васоити ахбори омма боз ҳам тавсеа ёфтанд.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зеркумитаи байналмилалии аккредитатсионии Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар бораи муайян намудани мувофиқат ба Принсипҳои Париж дархост ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдорро пешниҳод намуд. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон яке аз ташаббускорони таъсис додани Маркази ниҳодҳои зиддифасод ва омбудсменҳои кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (ЭКО), Шӯрои омбудсменҳои Осиёи Марказӣ ва Ассотсиатсияи Авруосиёгии омбудсменҳо мебошад.

Иштироки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар чорабиниҳо ва машваратҳои байналмилалӣ ва миллӣ гувоҳи афзудани нақш ва нуфузи ин мақомот мебошад.

Маърӯзаи пешниҳодгардида аз 3 қисм иборат аст. Қисми аввал ба фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бахшида шуда, қисми дуюм вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар мамлакат муайян менамояд. Дар қисми хотимавӣ хулоса ва тавсияҳои мақомот пешниҳод шудаанд.

Дар Маърӯза фаъолияти мақомот вобаста ба қабул ва баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон, такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон, ҳамкориҳо бо мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушд ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон инъикос ёфтааст.

Дар Маърӯза инчунин, таҳлили вазъи риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, мушкилоти ҷойдошта дар қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳуқуқвайронкуниҳо, корҳои анҷомдодашуда доир ба барқарорсозии ҳуқуқҳои халалдоршуда, тавсия ва пешниҳодҳо оид ба роҳҳои ҳалли камбудиҳо ва норасоиҳои мавҷуда баён шудаанд. Хулосаҳо дар асоси мурочиатҳои шаҳрвандон ва мониторингҳои гузаронидашуда, инчунин иттилооте, ки аз мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва васоити ахбори омма ба даст омадаанд, пешниҳод карда шудаанд.

Мақсади асосии Маърӯза ҷалб намудани таваҷҷӯҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ, байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба пешрафт ва мушкилоти ҷойдошта дар бахши ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунин, Маърӯза тақозо менамояд, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, барои бартараф намудани камбудию норасоиҳои мавҷуда дар роҳи татбиқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои онро арзиши олӣ эътироф кардааст, чораҳои мушаххас андешанд.

Маърӯза тибқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад. Маърӯза, ҳамчунин барои дигар мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалии дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон фаъолиятдошта ва аҳли ҷомеа пешбинӣ шуда, дар шакли китоби алоҳида бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ ба нашр расида, дар Сомонаи интернетии Ваколатор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода мешавад.

## 1. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2011

### 1.1. Натиҷаҳои фаъолият аз рӯи самтҳо

#### 1.1.1. Мурочиати шаҳрвандон

Баррасии арзу шикоятҳои шаҳрвандон, мусоидат ба барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншудаи онҳо яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба шумор меравад.

Мурочиати шаҳрвандон тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» ва Дастурамали тартиби баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баррасӣ мегардад.

Мувофиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда ба мақомот шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ё намояндагони қонунии онҳо, ки ҳуқуқу озодиҳояшонро халалдоршуда меҳисобанд, дар давоми як сол аз лаҳзаи халалдор шудани

ҳуқуқу озодиҳо ё аз ҳамон рӯзе, ки ба онҳо вайрон шудани ҳуқуқҳояшон маълум шудааст, муроҷиат карда метавонанд.

Бо фармони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар мақомот Ҷадвали қабули шаҳрвандон тасдиқ карда шудааст, ки тибқи он Ваколатдор ва роҳбарони воҳидҳои сохторӣ шаҳрвандонро қабул менамоянд. Дар рӯзҳои шанбе низ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шаҳрвандонро бевосита қабул мекунад.

Соли 2011 дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 754 муроҷиати шаҳрвандон (соли 2010 - 963 адад) ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо аризаву шикоятҳои хаттӣ – 207 адад (аз ҷумла – 10 адад тавассути сомонаи Ваколатдор) (соли 2010 - 226 адад) ва муроҷиатҳои шифоҳӣ – 547 адад (соли 2010 - 737 адад) мебошанд.

Муроҷиатҳои хаттӣ аз ҷониби сокинони шаҳри Душанбе – 82 адад (соли 2010 – 91 адад), вилояти Хатлон – 36 адад (соли 2010 - 36 адад), вилояти Суғд – 32 адад (соли 2010 - 52 адад), ВМКБ - 2 адад (соли 2010 - 5 адад), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 25 адад (соли 2010 - 28 адад), Марказ оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Хуҷанд - 1 адад, аз муассисаҳои ислоҳӣ – 4 адад, берун аз ҷумҳурӣ: аз Федератсияи Россия - 13 адад (соли 2010 - 13 адад), аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон - 2 адад (соли 2010 – 2 адад), аз шаҳрванди Ҷумҳурии Узбекистон - 1 адад, аз Мушовир оид ба ҳуқуқи инсони Дафтари Комиссари Олии СММ - 2 адад, аз Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯъбаи Женевагии СММ - 1 адад, аз намояндаи Раёсати Комиссари СММ оид ба гурезаҳо - 1 адад ва аз Ҷумҳурии Молдова - 2 адад ворид гаштаанд.

Муроҷиатҳои хаттии воридгардида аз ҷониби мардҳо 116 адад (соли 2010 - 140 адад), аз ҷониби занон 62 адад (соли 2010 - 85 адад) ва муроҷиатҳои коллективона 12 адад (соли 2010 - 4 адад)-ро ташкил медиҳанд.

Муроҷиатҳои хаттӣ тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 34 адад (соли 2010 - 45 адад);
- ҳуқуқ ба ҳаёт ва дахлнопазирии шахсӣ – 3 адад;

- ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ (дахлнопазирии манзил) – 1 адад (соли 2010-1 адад);

- ҳуқуқ ба ҳимоя – 4 адад;

- ҳуқуқи муроҷиат ба мақомоти давлатӣ- 3 адад;

- ҳуқуқ ба хизмати давлатӣ – 1 адад;

- ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ – 1 адад;

- ҳуқуқ ба меҳнат – 3 адад (соли 2010 -12 адад);

- ҳуқуқ ба моликият – 28 адад (соли 2010 - 25 адад);

- ҳуқуқ ба манзил –31 адад (соли 2010 - 37 адад);

- ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 9 адад (соли 2010 - 4 адад);

- ҳуқуқ ба фаъолияти озоди иқтисодӣ – 1 адад (соли 2010 - 5 адад);

- ҳуқуқ ба саломатӣ – 2 адад (соли 2010 - 1 адад);

- ҳуқуқҳои кӯдак – 3 адад; (соли 2010 - 3 адад);

- вобаста ба гурӯҳи алоҳидаи одамон (ҳуқуқи шахсони имконияти ҷисмониашон маҳдуд) – 1 адад;

- ҳуқуқ ба муроҷиат – 2 адад;

- ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаи судӣ – 1 адад;

- ҳуқуқ ба муҳоҷирати меҳнатӣ – 2 адад;

- ҳуқуқ ба таҳсил – 4 адад (соли 2010 - 3 адад);

- дигар масъалаҳо – 27 адад (соли 2010 – 36 адад).

Муроҷиатҳо аз ҷониби гурӯҳҳои алоҳидаи одамон:

- ҳуқуқҳои инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (дастгиркунии худсарона ва ғайриқонунӣ, озодӣ аз шиканҷа ва муомилаи дигари бераҳмона, ҳуқуқи инсон ҳангоми гузаронидани тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ) – 26 адад (аз ҷумла, 5 адад оиди шиканҷа) (соли 2010 – 40 адад);

- ҳуқуқҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда (муассисаҳои ислоҳӣ, муассисаҳои психиатрӣ ва ғ.) – 11 адад (соли 2010 – 5 адад);

- ҳуқуқҳои гурезаҳо, шахсони бешаҳрванд ва шаҳрвандони хориҷӣ – 6 адад (соли 2010 – 7 адад);

- ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ – 3 адад (соли 2010 – 2 адад).

Аз 207 адад аризаҳои хаттии шаҳрвандон, ки дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мавриди баррасӣ қарор дода шуданд, нисбати қарор ё амал (беамалии) идораҳои ҳифзи ҳуқуқи мазкур ба чунин миқдор шикоят ворид шудааст:

- нисбати мақомоти судӣ – 71 адад (соли 2010 – 111 адад);
- нисбати мақомоти прокуратура – 13 адад (соли 2010 - 22 адад);
- нисбати мақомоти корҳои дохилӣ – 16 адад (соли 2010 – 18 адад);
- нисбати мақомоти амнияти миллӣ – 4 адад (соли 2010 – 5 адад);
- нисбати Вазорати корҳои хориҷӣ – 1 адад;
- нисбати Вазорати адлия – 10 адад (соли 2010 – 8 адад);
- нисбати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсия – 3 адад (соли 2010 – 2 адад);
- нисбати Вазорати мудофиа – 1адад ( соли 2010 – 1 адад);
- нисбати Кумитаи дин – 1 адад;
- нисбати мақомоти дигар давлатҳо – 5 адад (соли 2010 – 1 адад);
- нисбати шахсони мансабдор - 3 адад (соли 2010 - 4 адад);
- нисбати дигар мақомоти давлатӣ – (соли 2010 – 9 адад);
- нисбати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ - 4 адад (соли 2010 - 6 адад);
- нисбати шахсони ҳуқуқӣ–8 адад (соли 2010 - 4 адад);
- нисбати муассисаҳои тандурустӣ – 3 адад - (соли 2010 – 1 адад);
- нисбати муассисаҳои таълимӣ – 1 адад;
- нисбати нотариусҳои давлатӣ – 1 адад (соли 2010 -2 адад).

Аз теъдоди умумии муроҷиатҳои хаттие, ки дар давраи сипаришуда ба Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ворид гардидаанд, қисми зиёди онҳо дар самти ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ мебошанд. Дигар гурӯҳи муроҷиатҳои воридгардида, ки миқдорашон зиёд аст, муроҷиатҳо дар самти ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошанд. Инчунин муроҷиатҳо дар самти ҳуқуқ ба фаъолияти озоди иқтисодӣ ва ҳуқуқ ба таҳсил тамоюли зиёдшавӣ доранд.

Соли 2011 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 547 (соли 2010 - 737) мурочиатҳои шифоҳӣ (163 - зан ва 384 - мард) ба қайд гирифта шуда, аз тарафи кормандони мақомоти Ваколатдор баррасӣ карда шуданд.

Қабули шаҳрвандон дар мақомоти Ваколатдор дар рӯзҳои шанбе низ мунтазам ба роҳ монда шудааст. Дар рӯзҳои шанбеи соли 2011 аз тарафи кормандони Дастгоҳи Ваколатдор 81 нафар шаҳрвандон қабул карда шуданд. Аз 81 мурочиатҳои ба қайд гирифташуда, 2 адад оид ба таъмини замин, 21 адад оид ба масъалаҳои манзил, 2 адад оид ба рушди соҳибкорӣ, 34 адад шикоят нисбати кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва 22 адад ба дигар масъалаҳо робита доранд.

### 1.1.2. Такмили қонунгузорӣ

Мусоидат дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои инсон яке аз самтҳои дигари фаъолияти мақомот мебошад.

Бо мақсади мусоидат намудан дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон кормандони Дастгоҳи Ваколатдор 91 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро (соли 2010 - 57 адад) мавриди омӯзиш қарор дода, нисбати онҳо хулосаву пешниҳодҳо таҳия намуданд.

Лоиҳаи 71 қонунҳо, 8 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 адад маводҳо ҷиҳати ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Ташкилоти байналхалқии меҳнат (ТБМ) ва ғайраҳо аз ҷумлаи чунин санадҳо мебошанд.

Бо мақсади таҳкими фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия карда шуд, ки ҳоло дар баррасии Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Инчунин, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кормандони Дастгоҳ аъзои гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо мебошанд. Аз ҷумла, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аъзои гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи таҳрири нави лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» буда, сардори шӯъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ ба гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ» шомил шудааст.

## 1.1.3. Баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо аҳолӣ вохӯриҳову сӯҳбатҳо, конфронсҳо, семинарҳо ва мизҳои мудаввар гузаронда шуданд, ки дар онҳо намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва созмонҳои байналмилалӣ иштирок карда, тариқи воситаҳои ахбори омма баромадҳо ва мақолаҳо ба нашр расонда шуданд.

Дар ин давра дар барномаҳои радиоӣ, телевизионӣ, рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва сомонаҳои интернетӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ аз тарафи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 28 маротиба ва аз тарафи кормандони Дастгоҳи Ваколатдор 45 маротиба баромадҳо сурат гирифтанд.

Дар соли 2011 кормандони Дастгоҳи Ваколатдор дар 84 семинарҳо, мизҳои мудаввар, конференсияҳо ва дигар чорабиниҳо иштирок ва баромад намуданд. Аз ҷумла, бо ибтикори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 16 семинару конференсияҳо ва дар якҷоягӣ бо дигар мақомоти давлатӣ ва созмонҳои байналмилаливу ғайридавлатӣ 68 чорабиниҳо ташкил ва гузаронида шуданд.

Соли 2011 аз тарафи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон якчанд чорабиниҳое гузаронида шуданд, ки онҳо барои пешрафти фаъолияти мақомот такони тоза бахшиданд.

Аз ҷумла, рӯзи 19 майи соли 2011 мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мизи мудаввар доир намуд, ки дар он Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2009-2010, Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2011-2015, Веб-сайти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон муаррифӣ шуда, нишасти матбуотии Ваколатдор гузаронида шуд.

Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2009-2010 бо теъдоди 1000 нусха ва Сратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2011-2015 бо теъдоди 200 нусха бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба табъ расонида шуда, ба мақомотҳои давлатии дахлдор, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дастрас карда шуданд.

Рӯзи 25 июли соли 2011 Конференсияи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар мавзӯи «20 соли Истиқлолият ва рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва 6 сентябри соли 2011 Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон дар даврони истиқлолият» ташкил ва гузаронида шуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҷиҳати таҳияи Барномаи нави таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, лоиҳаи Барномаи мазкур дар Конференсияи рӯзи 9 декабри соли 2011 дар «Кохи Ваҳдат» баргузоргардида муаррифӣ карда шуд. Такмили лоиҳаи Барнома идома дорад ва он ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда мешавад.

### 1.1.4. Ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

Ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ пайваста тавсеа меёбанд.

Робита ва ҳамкориҳо хусусан бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералӣ, Вазорати адлия, Шӯрои адлия, Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудаанд.

Дар доираи ин ҳамкориҳо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳайати гурӯҳи ҳукуматӣ дар таҳия ва ҳимояи Шарҳи умумии даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуд. Ҳамзамон кормандони мақомот дар амалӣ шудани

тавсияҳои сохторҳои СММ ва гузаронидани чорабиниҳои якҷоя оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон иштирок карданд.

Ҳамкориҳои байналмилалии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон беш аз пеш рушд меёбанд. Дар ин раванд Барномаи рушди СММ, Хазинаи нуфуси аҳолии СММ, ЮНИСЕФ, СММ - Занҳо, Ташкилоти байналмилалии муҳоҷират, Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, САҲА, Институти Даниягӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Институти «Ҷомеаи кушода» - Хазинаи мусоидат дар Тоҷикистон, Агентии Швейтсария оид ба рушди байналмилалӣ, Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир, Ҳукумати Шоҳигарии Нидерландия ва дигарҳоро номбар кардан мумкин аст, ки ҷиҳати таҳкими иқтидори дохилии мақомоти Ваколатдор ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста мусоидат менамоянд.

Дар ин давра бо мақсади беҳдошти фаъолият дар самти ҳуқуқи инсон ва пешбурди ҳамкориҳои байналмилалӣ аз тарафи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон якчанд санадҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ба имзо расонида шуданд. Аз ҷумла, Эъломияи Душанбегии Ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсони мамлакатҳои Осиёи Марказӣ оид ба ҳамкориҳо, ки тибқи он Шӯрои Ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсони давлатҳои Осиёи Марказӣ таъсис дода шуд, Созишнома оид ба таъсис додани Ассотсиатсияи Авруосиёгии омбудсменҳо бо Омбудсмени Ҷумҳурии Қирғизистон, Созишнома оид ба ҳамкорӣ бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Федератсияи Россия, Созишнома оид ба ҳамкорӣ бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони вилояти Свердловски Федератсияи Россия, меморандумҳои ҳамкорӣ бо 7 созмонҳои ғайридавлатӣ («Идора оид ба ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният», «Марказ оид ба ҳуқуқи инсон», ҶММ «Ампаро», ТҶБ «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ», ҶММ «Чархи гардун», ҶММ «Промоушн», ҶДММ «Неру Софт») ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба имзо расонида шуданд. Вусъат додани ҳамкориҳо ва дастгирии ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи супориши иҷтимоӣ» мувофиқи мақсад мебошад.

Дар доираи ин ҳамкориҳо фаъолият дар самти ҳифзи ҳуқуқи инсон тақвият дода шуда, Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2010 дар рӯзномаи «Чархи гардун» ба чоп расид. Ҳамчунин, сомонаи Ваколатдор дар шабакаи Интернет таъсис ёфт ва фаъолияти мунтазами он ба роҳ монда шуд. Дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии байналхалқии «Ҳуқуқ ва Беҳбудӣ» 26 майи соли 2011 дар шаҳри Турсунзода ва 24 августи соли 2011 дар ноҳияи Айнии вилояти Суғд, инчунин 23 июли соли 2011дар ҳамкорӣ бо Шӯъбаи Тоҷикистонии Институти «Ҷомеаи кушода» - Хазинаи мусоидат  дар шаҳри Қӯрғонтеппа ва 1 октябри соли 2011 дар шаҳри Хуҷанд ифтитоҳи расмии қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо иштироки намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, суд, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, инчунин ВАО муваффақона баргузор гардиданд.

Рӯзи 20 октябри соли 2011 дар ҷаласаи Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти мақомоти Ваколатдор дар ду соли сипаришуда шунида шуд ва аз тарафи аъзоёни Шӯро мусбӣ арзёбӣ гардид.

Тибқи Шартномаи ҳамкорӣ байни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз 24 июни соли 2011 таҷрибаомӯзии якмоҳаи 27 нафар донишҷӯёни факултаи ҳуқуқи ДМТ ва 3 нафар донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ташкил ва ба роҳ монда шуд.

Бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ аз тарафи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон зиёда аз 14 вохӯриву мулоқотҳои судманди расмӣ ва даҳҳо вохӯриҳои корӣ бо намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон анҷом дода шуданд.

Рӯзҳои 12-13 октябри соли 2011 бо ибтикори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии Дафтари Созмони

Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон Семинари минтақавии Ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсони Осиёи Марказӣ дар мавзӯи «Мутобиқати мақомотҳои миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба принсипҳои Париж ва нақши онҳо дар пешгирии шиканҷа дар Осиёи Марказӣ» ташкил ва гузаронида шуд.

Дар кори Семинари минтақавӣ намояндагони мақомоти дахлдори давлатҳои иштирокчӣ, вакилони парламентҳо, Ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсон, созмонҳои ғайридавлатӣ ва ВАО ширкат варзиданд.

Ҷиҳати амалисозии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2010, №678 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи баргузории машваратҳои илмӣ ва илмию техникӣ, конфронсҳо, симпозиумҳо, анҷуманҳо ва семинарҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011» рӯзҳои 14-15 октябри соли 2011 дар ҳамбастагӣ бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои миллии Италиё оид ба тадқиқоти илмӣ (CNR) аввалин Семинари байналмилалӣ дар мавзӯи «Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандон» ташкил ва гузаронида шуд.

Дар Семинари мазкур зиёда аз 35 нафар меҳмонони хориҷӣ аз марказҳои бонуфузи илмӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи инсон ва Ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсони давлатҳои Осиёи Марказӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Бо дастгирии Ниҳоди Даниягӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои ҷумҳурӣ оид ба муаррифии Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар солҳои 2009-2010 ва Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 барои намояндагони мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ семинарҳо гузаронида шуданд.

Бо мақсади сазовор пешвоз гирифтани Рӯзи ҳуқуқи инсон (10 декабр) дар ҳамкорӣ бо САҲА ва сохторҳои СММ оид ба ҳуқуқи инсон, ташкилотҳои ғайридавлатӣ Нақшаи чорабиниҳои якҷоя таҳия ва роҳандозӣ карда шуд.

Тибқи Нақшаи якҷояи тасдиқшуда дар муассисаҳои давлативу ҷамъиятӣ ва мактабҳои миёнаву олии қаламрави ҷумҳурӣ вохӯриву мулоқотҳо, семинару

конференсияҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои ҷашнӣ ташкил ва гузаронида шуданд. Бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон роликҳои тарғиботӣ омода карда шуда, дар шабакаҳои телевизионии ҷумҳурӣ намоиш дода шуданд. Роликҳои мазкур дар давоми Ҳафтаи ҳуқуқи инсон тавассути мониторҳои калоне, ки дар нуқтаҳои гуногуни пойтахт ҳастанд, намоиш дода шуданд. Ҳамзамон, дар матбуоти даврии ҷумҳуриявӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқи инсон маводҳо нашр карда шуданд.

Рӯзи 5 декабри соли 2011 дар мақомоти Ваколатдор бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ муаррифии Маърӯзаи глобалии СММ-Занҳо барои солҳои 2011-2012 ташкил ва гузаронида шуд. Зимни чорабинии мазкур нишасти матбуотии Ваколатдор бо иштироки доираи васеи намояндагони ВАО ташкил ва гузаронида шуд.

Рӯзи 10 декабри соли 2011 дар мақомоти Ваколатдор бо иштироки устодон ва донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ, кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, намояндагони созмонҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ дар мавзӯи «Рушди ҳуқуқи инсон дар даврони истиқлолият» конференсияи илмӣ-амалӣ доир карда шуд.

### 1.1.5. Таҳкими иқтидори дохилии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

Соли 2011 бо мақсади таҳкими иқтидори дохилии Дастгоҳи Ваколатдор бо дастгириии Ҳукумати Шоҳигарии Нидерландия шӯъбаи иттилоотӣ - таҳлилӣ ташкил карда шуд, ки он фаъолияти муназзами худро аз моҳи январ ба роҳ монд. Дар ин раванд ҷиҳати беҳдошти дастрасии шаҳрвандон ба фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва баланд бардоштани донишҳои онҳо дар самти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон Сомонаи интернетии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Мӯҳтавои Сомонаи интернетии Ваколатдор пайваста нав карда шуда, фаъолияти муназзами он ба роҳ монда шудааст.

Барои фаъолияти пурмаҳсули кормандон шабакаи дохилиидоравии Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо таҷҳизоти замонавии беноқил (Wi-Fi) ва ҳамаи компютерҳои кормандони Дастгоҳ ба шабакаи ягонаи дохилиидоравӣ (Сервер) пайваст карда шуд.

Ҳамчунин, дар самти кор бо мурочиатҳои шаҳрвандон барномаи махсуси компютерии «Бақайдгирӣ ва коркарди мурочиатҳои шаҳрвандон дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон» таҳия, тарҳрезӣ ва насб карда шуд.

Ҷиҳати амалисозии салоҳияти Ваколатдор ва баланд бардоштани нақши он дар ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор дар шаҳри Турсунзода, ноҳияи Айнӣ ва марказҳои вилоятҳо – шаҳрҳои Хуҷанд ва Қӯрғонтеппа таъсис дода шуданд. Соли 2012 чунин қабулгоҳҳо дар 4 минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ (шаҳрҳои Хоруғ, Кӯлоб, Роғун ва ноҳияи Ишкошим) низ таъсис дода мешаванд. Дар назди Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор аз ҳисоби намояндагони ҷамоатҳо, маҳаллаҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ, ки дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ таҷрибаи корӣ доранд, Шӯрои ҷамъиятӣ ташкил карда шудааст. Мақсад аз ташкили Шӯрои ҷамъиятӣ дар назди Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор ин мусоидат ба Қабулгоҳи ҷамъиятӣ ҷиҳати амалисозии вазифаҳои дар назди он гузошташуда ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба рушди ҳуқуқи инсон мебошад.

Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ дар самтҳои қабули арзу шикоятҳои шаҳрвандон ва мусоидат ба барқарорсозии ҳуқуқҳои вайронгардидаи онҳо, таъмини дастрасии шаҳрвандон, хусусан гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба иттилоот, инчунин баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар маҳалҳо фаъолият менамоянд.

Фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор дар шаҳрҳои Турсунзода, Қӯрғонтеппа ва Хуҷанд мавриди омӯзиш ва таҳлили гурӯҳҳои кории мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон қарор гирифта, оид ба самаранокии кори онҳо гузоришҳои муфассал пешниҳод ва ирсол карда шуданд.

Бо мақсади мусоидат ба фаъолияти амалии Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии байналхалқии «Ҳуқуқ ва Беҳбудӣ», мусоидати Act Central Asia ва

маблағгузории Вазорати рушди байналхалқии Британиёи Кабир (DFID) дастури иттилоотии (брошураи) «Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия ва бо теъдоди 500 нусха нашр карда шуд.

Ҷиҳати бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти Ваколатдор соли 2011 ду маротиба семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд, ки дар онҳо аз ҷумла 2 нафарӣ аз ҳар як Қабулгоҳи ҷамъиятии Ваколатдор фаъолона иштирок карданд.

### 1.1.6. Санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон

Соли 2011 бо мақсади санҷиши риояи ҳуқуқи инсон ва мусоидат ба рушди он 11 маротиба ба муассисаҳои пӯшида, қисман пӯшида ва хона-интернатҳо ташриф оварда шуд. Аз ҷумла, чунин санҷишҳо дар Маркази ҷумҳуриявии клиникии шаҳри Душанбе, Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологии ба номи профессор М.Ғ.Ғуломови шаҳри Душанбе, мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ, муассисаи ислоҳии ЯС 3/4 ва тавқифгоҳи муваққатии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои рӯҳии ноҳияи Рӯдакӣ, хона-интернати пиронсолон ва маъюбони «Деҳмой»-и ноҳияи Ҷ. Расулови вилояти Суғд, мактаб- интернати ёрирасони шаҳри Хуҷанд, маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбони шаҳри Душанбе, хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Ваҳдат, хона-интернати пиронсолон ва маъюбони «Батош»-и шаҳри Турсунзода гузаронида шуданд.

Дар муассисаҳои мазкур санҷиши тартиби ҷойгир намудан, ҳуҷҷатгузорӣ, шароити нигоҳдорӣ, таъминоти тиббии бошандагон нишон дод, ки дар маҷмӯъ ҳуқуқҳои инсон дар муассисаҳои мазкур риоя карда мешаванд. Аммо дар баъзе аз ин муассисаҳо, аз ҷумла дар шӯъбаи кӯдаконаи хона-интернати пиронсолон ва маъюбони «Деҳмой» шароити нигоҳдории бошандагон пурра ба талабот ҷавобгӯ набуда, духтурони соҳавӣ дар ин муассиса намерасанд. Ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида ба мақомотҳои масъули муассисаҳои зикргашта тавсияҳо ирсол карда шуданд.

Ҳамзамон, бо мақсади мусоидат ба ҳимояи ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар якҷояги бо Шӯъбаи кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқи шаҳрвандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронидани семинарҳо ва санҷиши муассисаҳои пӯшида ба нақша гирифта шуда, тибқи он як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд. Аз ҷумла, баҳри баланд бардоштани дониши кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар шаҳрҳои Хуҷанду Қӯрғонтеппа дар мавзӯи «Механизмҳои байналмилалӣ ва миллии риоя ва ҳимояи ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда» бо дастгирии Дафтари САҲА дар Тоҷикистон семинарҳо гузаронида шуда, ташрифи Ваколатдор бо мақсади боздид ва гузаронидани санҷиш ба Тавқифгоҳи тафтишотии шаҳри Хуҷанд сурат гирифт.

## 2. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 2.1. Ҳуқуқи дастрасӣ ба адолати судӣ

Ҳифзи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон воситаи асосии барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда мебошад.

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд.

Баҳри таҳкиму такмили ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам чораҳо андешида мешаванд. Яке аз чораҳои муҳим дар амалӣ гаштани ҳуқуқи шаҳрвандон ба адолати судӣ қабули Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 мебошад, ки такмили сохтор ва салоҳияти мақомоти судӣ, шаффоф гардонидани фаъолияти он, баланд бардоштани талаботҳои тахассусӣ нисбати судяҳо, маҳорату малака

ва одоби касбии онҳо, таъмини сатҳи зарурии шароити моддию техникӣ ва ташкилии судҳоро пешбинӣ менамояд. Инчунин тибқи Барномаи мазкур бо мақсади аз байн бурдани таносуби зиёди андозаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои як кирдор, таҷдиди назар намудани намудҳои ҷазои ҷиноятӣ ва ғайриҷиноӣ гардонидани баъзе кирдорҳо, қабули қонун дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар назар дошта шудааст.

Тибқи Барномаи мазкур таҳия ва қабули Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ шудааст. Бо ин мақсад гурӯҳҳои корӣ таъсис ёфта, кор дар ин самт идома дорад.

Вале новобаста ба чораҳои дар ин самт андешидашаванда мушкилиҳое ҷой доранд, ки дастрасӣ ба адолати судиро халалдор месозанд.

Шикоятҳое, ки аз вайрон шудани ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ дарак медиҳанд, чун пештара аксарияти мурочиатҳои ба мақомоти Ваколатдор воридшавандаро ташкил медиҳанд.

Бо мақсади муайян намудани вазъ дар самти дастрасӣ ба адолати судӣ мурочиатҳои шаҳрвандон ва натиҷаҳои мониторингҳои аз ҷониби созмонҳои ғайридавлатӣ гузаронидашуда мавриди таҳлил қарор дода шуданд.

Таҳлили ин гурӯҳи мурочиатҳои шаҳрвандон аз ҷой доштани камбудиву нуқсонҳои гуногун дарак медиҳанд, ки боиси шикояти шаҳрвандон шудаанд.

Арзкунандагон нисбати ҳукму ҳалномаҳои судӣ норозигӣ баён намуда, норозигиашонро бо он асоснок менамоянд, ки гӯё санадҳои судӣ нисбати онҳо ё наздикони онҳо ғайриқонунӣ ва беасос бароварда шудаанд, зеро ба ваҷҳу далелҳои пешниҳодшуда боварӣ надоранд. Таҳлил нишон медиҳад, ки аксар вақт шаҳрвандон бинобар надонистани қонунгузории мурофиавӣ аз Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон санҷиши қонунӣ ва асоснокии санадҳои судиро талаб мекунанд.

Шаҳрвандон дар мурочиатҳояшон аз таъин намудани ҷазоҳои вазнин шикоят намудаанд. Масалан, шаҳрванд З.М. дар мурочиаташ иброз доштааст,

ки нисбати фарзанди ӯ, ки дар куштори ноболиғ гунаҳгор дониста шудааст, ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъин карда шудааст, ки ин ҷазои хеле вазнин мебошад.

Дар дигар ҳолатҳо шаҳрвандон аз вайрон гардидани талаботи қонунгузории мурофиавӣ оиди мӯҳтавои қарор шикоят намудаанд. Шаҳрванд С. И. аз он шикоят намудааст, ки манзили истиқоматии ӯ, ки тибқи мерос аз падару модараш ба ӯ гузаштааст, аз ҷониби холааш ба каси дигар фурӯхта шудааст. ӯ бо аризаи даъвогӣ оиди беэътибор донистани шартномаи хариду фурӯши манзили мазкур ба суди ноҳияи Сино муроҷиат менамояд. Баррасии парванда муддати як сол тӯл кашида, дар натиҷа байни ӯ ва холааш созиши оштӣ баста шудааст. Тибқи созиши оштӣ холааш бояд дар давоми як сол ба ӯ баробари хонаи баҳсӣ хонаи якҳуҷрадор харида медод. Дар акси ҳол баъд аз як сол бояд маблағи хонаи якҳуҷрадор тариқи маҷбурӣ ба С. И. рӯёнида дода мешуд. Аз сабаби он ки суд дар таъиноташ маблағи рӯёнидашавандаро муайян накардааст, санади судӣ бе иҷро ва ҳуқуқи даъвогар ба манзил вайрон шудааст. Ҳол он ки тибқи банди 10 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳалномаи судӣ» судҳо ӯҳдадоранд талаботи моддаи 203 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи мӯҳтавои қарор риоя намуда, қисми хулосавии ҳалномаро ба таври мушаххас ифода намоянд, то ин ки ҳангоми иҷрои он ягон нофаҳмӣ ва баҳс ба миён наояд.

Сари вақт тайёр накардан ва ба тарафҳо насупоридани санадҳои судӣ низ мушоҳида карда мешавад. Аз ин ҳолат муроҷиати коллективонаи сокинони вилояти Суғд оиди аз ҷониби Суди вилояти Суғд сари вақт ба судшавандаҳо насупоридани ҳукми суд, ки бо он фарзандонашон дар ҳодисаи таркиш дар бинои Шӯъбаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили Раёсати корҳои дохилии вилояти Суғд гунаҳгор дониста шуда, ба мӯҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум карда шудаанд, шаҳодат медиҳад. Бо дархости Ваколатдор ва мусоидати Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳкумшудагон нусхаи ҳукми зикршуда супорида шуд.

Ҷорӣ намудани тартиби судии иҷозати ба ҳабс гирифтан бечунучаро далели пайравии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои умумиэътирофшудаи байналмилалӣ мебошад. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки дар фаъолияти судҳо ҳангоми баррасии дархостҳои мақомоти тафтишотӣ дар бораи ба сифати чораи пешгирӣ ба ҳабс гирифтан самти айбдоркунӣ бартарӣ дорад. Тибқи маълумоти Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 аз 3878 дархост дар намуди ба ҳабс гирифтан 3749, яъне қариб 97% дархостҳо қонеъ ва 129 дархост, яъне ҳамагӣ 3% рад гардидааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки мисли пештара судҳо ҳангоми баррасии чунин дархостҳо бештар вазнинии ҷинояти содиршударо ба инобат мегиранд. Ин ҳолат ба номукаммалии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ низ вобаста аст.

Мониторинги мурофиаҳои судӣ оиди баррасии дархостҳои ба сифати чораи пешгирӣ - ба ҳабс гирифтан, ки аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии «Марказ оид ба ҳуқуқи инсон» гузаронида шудааст, низ аз он шаҳодат медиҳанд, ки судҳо чун қоида қариб дар ҳамаи мавридҳо дархостҳои мақомоти тафтишоти пешакиро  қонеъ мегардонанд.

Тибқи қонунгузории мурофиавӣ далелҳои дар рафти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ бо роҳи зӯрӣ ва азобу шиканҷа бадастовардашуда беэътибор дониста шуда, асоси айбдоркунии шахс шуда наметавонанд. Аммо ҳоло ҳам дар таҷриба ҳолатҳое вомехӯранд, ки судҳо дар баъзе мавридҳо ба нишондодҳои судшавандагон оиди нисбати онҳо татбиқ намудани чунин муносибат барои гирифтани нишондоди худиқрорӣ аҳамияти зарурӣ намедиҳанд, ки ин вайронкунии ҷиддии ҳуқуқи инсон ва адолати судӣ ба шумор меравад. Аз ҷой доштани чунин ҳолатҳо мурочиатҳои ба мақомоти Ваколатдор воридгардида низ шаҳодат медиҳанд.

Дар соли 2011 тибқи маълумотҳои Шӯрои адлия аз 5973 ҳукм, ки аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ бароварда шудаанд, 54 ададашро ҳукмҳои сафедкунанда ташкил медиҳанд, ки аз он 15 судшаванда пурра ва 39 нафари дигар қисман сафед карда шудаанд. Ин адад назар ба соли 2010, ки аз 5930 ҳукм 2 ҳукми

пурра сафедкунанда ва 31 ҳукми қисман сафедкунанда бароварда шуда буд, зиёд аст.

Истеҳсолоти иҷро яке аз қисмҳои муҳими муҳокимаи одилонаи судӣ аст, зеро вазифаи он иҷрои ҳатмӣ ва саривақтии санадҳои судӣ мебошад. Сари вақт иҷро накардани санади судӣ ҳуқуқи шахсеро, ки санади судӣ ба фоидаи он бароварда шудааст, вайрон менамояд.

Миқдори муроҷиатҳо ба Ваколатдор оиди иҷро нагардидани санадҳои судӣ зиёд набошад ҳам, вале таҳлили ин муроҷиатҳо нишон медиҳад, ки дар баъзе мавридҳо барои иҷрои саривақтии санадҳои судӣ судиҷрочиён чораҳои зарурӣ наандешида, варақаи иҷроро ба ситонанда бармегардонанд.

Масалан, шаҳрванд М.Қ. ба Ваколатдор дар бораи иҷро нагардидани таъиноти Суди шаҳри Хуҷанд аз соли 2007 оиди ба фоидаи ӯ рӯёнидани зарари моддӣ ва маънавӣ ба маблағи 8000 сомонӣ муроҷиат намудааст. Муддати чор сол санади судӣ бе иҷро мондааст. Варақаи иҷро ба иҷрочиёни Суди ноҳияи И. Сомонӣ барои иҷро ворид шудааст. Баъд аз ин, варақаи иҷро ба иҷрочиёни Суди ноҳияи Шоҳмансур ирсол шуда, аз он ҷо бинобар риоя нагардидани Дастурамал оид ба ташкили коргузорӣ ва таъминоти моддию техникии иҷрочиёни суд боз ба иҷрочиёни Суди ноҳияи И. Сомонӣ баргардонида шудааст. Дар натиҷа варақаи иҷро бинобар сабаби имконнопазир будани иҷро тибқи моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ба ситонанда баргардонида шудааст. Ҷиҳати мусоидат дар иҷрои санади судӣ бо дархости Ваколатдор қароргоҳи қарздор – Корхонаи давлатии унитарии «Тоҷикхориҷакор» муайян карда шуд ва ба ситонанда маслиҳат дода шуд, ки ҷиҳати иҷрои санади мазкур ба судиҷрочиёни Суди ноҳияи Шоҳмансур муроҷиат намояд. Бо мақсади таъмини саривақтии иҷрои санадҳои судӣ зарур аст, ки қонунгузории истеҳсолоти иҷро такмил дода шавад.

**Аз натиҷаи таҳлили вазъ дар самти дастрасӣ ба адолати судӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**- боз ҳам такмил додани қонунгузорӣ ва таҷрибаи судӣ оид ба беҳтар намудани дастрасӣ ба адолати судӣ;**

**- такмили сиёсати ҷазои ҷиноятӣ бо мақсади сабук кардани ҷазоҳои ҷиноятӣ дар Кодекси ҷиноятӣ ва истифодаи васеи ҷазоҳои алтернативӣ;**

**- такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» вобаста ба масъалаи ба ситонанда баргардонидани варақаи иҷро;**

**- таъсис додани сомонаҳои мақомоти судӣ ва дар онҳо ҷойгир намудани қарорҳо, ҳукмҳо ва ҳалномаҳои судӣ;**

**- таъмини дастрасии саривақтии иттилоот ва ҳуҷҷатҳои судӣ;**

**- таъмини аз ҷониби судҳо эътироф намудани беэътибории нишондодҳои бо роҳи шиканҷа бадастовардашуда;**

**- таъмини ба таври ҳатмӣ дар қарорҳо ва протоколҳои судӣ қайд намудани изҳороти судшавандагон оиди нисбати онҳо татбиқ шудани шиканҷа. Дар сурати аз ҷониби суд бинобар сабаби беасос будан рад шудани чунин изҳорот, дар қарор бояд ин ҳолатҳо асоснок карда шаванд;**

**- бо мақсади беҳтар намудани вазъ дар самти дастрасӣ ба адолати судӣ ба таври доимӣ гузаронидани мониторинги мурофиаҳои судӣ.**

### 2.2. Озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф

Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои онро арзиши олӣ эътироф намуда, кафолати озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои ҷазо ва муносибати ғайриинсониро муқаррар намудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 18 Конститутсия муқаррар шудааст, ки «Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад».

Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаҳои асосии байналмилалии ҳуқуқи инсонро ба тасвиб расонида, бахри иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар самти пешгирии шиканҷа чораҳои мушаххас андешида истодааст.

Тоҷикистон моҳи октябри соли 2011 дар доираи Шарҳи умумии даврӣ маърӯзаи аввалинро пешниҳод ва ҳимоя кард. Маърӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон мусбӣ арзёбӣ шуда, дар баробари ин ба Тоҷикистон тавсияҳои дахлдор пешниҳод шуданд. Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои тавсияҳои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон чораҳои дахлдорро андешида истодааст. Бахусус бо мақсади ба меъёрҳои Конвенсияи зидди шиканҷа мутобиқ гардонидани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ворид намудани моддаи алоҳида оид ба шиканҷа лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия карда, ба парламенти мамлакат ирсол кард. Инчунин, оид ба масъалаҳои вобаста ба ҳамроҳшавӣ ба Протоколи иловагии Конвенсияи зидди шиканҷа гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст.

Соли 2011 баҳри баланд бардоштани дониши кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, судӣ, кормандони муассисаҳои пӯшида оид ба механизмҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар самти пешгирӣ намудани шиканҷа, пешбарии ратификатсияи Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат семинару машваратҳо баргузор гардиданд.

Дар якҷоягӣ бо Дафтари Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар 6 минтақаҳои ҷумҳурӣ семинарҳо оид ба пешгирӣ ва муқовимат ба шиканҷа барои намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ташкил ва гузаронида шуданд.

Бо вуҷуди ин проблемаи шиканҷа яке аз проблемаҳои мубрам дар Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Сабабҳои асосии вуҷуд доштани ҳодисаҳои шиканҷа ин номукаммалии қонунгузорӣ мебошад. Дар Кодекси ҷиноятӣ набудани моддаи алоҳида оид ба шиканҷа, дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ муайян набудани мафҳуми «дастгиркунии воқеӣ», ҳангоми расмӣ кунонидани дастгиркунӣ қайд накардани номи шахсе, ки гумонбарро дастгир кардааст, набудани меъёри ӯҳдадоркунанда, ки тибқи он корманди мақомоте, ки дастгиркуниро ба амал мебарорад, бояд шахси дастгиршударо дар бораи асосҳои дастгиршавӣ, ҳуқуқ ба ҳимоя, ҳуқуқи ба муқобили худ нишондод надодан, ҳуқуқи ба суд бо шикоят муроҷиат намудан хабардор намоянд, аз ҷумлаи чунин камбудиҳоянд.

Таъмин накардани имконияти воқеии дастрасии саривақтӣ ба ҳимоя, сари вақт нагузаронидани ташхиси тиббӣ, хабар надодан ба хешовандони наздик, аз ҷониби судяҳо дар баъзе ҳолатҳо диққати зарурӣ надодан ба изҳороти судшавандагон оиди нисбати онҳо татбиқ намудани шиканҷа низ дар амал ҷой доранд.

Дар соли 2011 ба мақомоти Ваколатдор 5 муроҷиати шаҳрвандон оиди нисбати онҳо татбиқ намудани шиканҷа ворид гардидааст. Дар ин муроҷиатҳо оиди аз ҷониби мақомотҳои тафтишотӣ зери азобу шиканҷа қарор дода шудани онҳо бо мақсади гирифтани нишондодҳои худиқрорӣ шикоят карда шудааст.

Муроҷиатҳои мазкур барои санҷиши ҳолатҳои дар онҳо зикргардида ба мақомоти прокуратура ирсол шуданд. Тибқи мактубҳои ҷавобии Прокуратураи генералӣ ваҷҳҳои дар муроҷиатҳо овардашуда мавриди санҷиш қарор дода шуда, тасдиқи худро наёфтанд ва оғози парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба ин ҳолатҳо рад карда шуд.

Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ соли 2011 ба мақомоти прокуратура 28 шикояти вобаста ба ҳолатҳои мавриди лату кӯб қарор дода шудани шаҳрвандон ворид гардидааст, ки 5 ҳолати он тасдиқи худро ёфта, парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шудаанд. Дар асоси ҳукми суд гунаҳгорон ба мӯҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум карда шудаанд.

Соли 2011 якчанд ҳодисаҳои ба ҳалокат расидани шаҳрвандон дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба қайд гирифта шуданд, ки боиси музокираҳо дар воситаҳои ахбори умум гаштанд. Сокини шаҳри Душанбе С.С. бо гумони даст доштан ба муомилоти ғайриқонунии моводи нашъаовар ба ШКД-1 ноҳияи Сино оварда шуд. Баъди чанде аз он ҷо бо ҷароҳатҳо ба беморхона оварда шуда, аз ҷароҳатҳои бардоштааш вафот кардааст. Дар рафти санҷиши ин ҳодиса истифодаи азобу шиканҷа нисбати С.С. тасдиқи худро наёфта бошад ҳам, муайян карда шуд, ки ин ҳодиса бинобар сабаби хунукназарии кормандони фаврии ШКД рӯй додааст. Дар натиҷа нисбати кормандони фаврӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, баъди анҷоми тафтишоти пешакӣ парванда ба суд фиристода шудааст.

Ҳолати дигари фавти шаҳрванд, ки соли сипаришуда ба қайд гирифта шуд ин ҳодисаи марги Б.Ш. баъди аз ШКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба беморхона овардани ӯ мебошад. Тавре ба дархости Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз Прокуратураи генералӣ хабар доданд, Ш.Б. 19 октябр бо гумони содир намудани дуздӣ ба ШКД-и ноҳияи Шоҳмансур оварда шудааст. Аз хунукназарии кормандони ШКД истифода бурда, ӯ худро аз тирезаи ошёнаи дуюм ба берун партофта, баъдан аз ҷароҳатҳои бардоштааш рӯзи 30 октябр дар беморхона фавтидааст.

Оид ба ҳодисаи мазкур дар Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтишоти дохилӣ гузаронида шуда, бинобар роҳ додан ба вайронкунии меъёрҳои қонуни мурофиавӣ чанд корманди ШКД-и ноҳияи Шоҳмансур моҳи ноябри соли 2011 бо фармони Вазири корҳои дохилӣ аз кор озод карда шуданд. Инчунин сардори ШКД-и ноҳияи Шоҳмансур, сардори шӯъбаи тафтишотӣ ва муовини ӯ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шуданд.

Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ аз тарафи Прокуратураи ноҳияи Шоҳмансур нисбати якчанд кормандони ШКД-и ноҳияи Шоҳмансур бо қисми 2 моддаи 322 КҶ ҶТ (хунукназарӣ) парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Соли 2011 як ҳолати тасдиқшудаи мавриди шиканҷа ва лату кӯб қарор дода шудани маҳкумшуда дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҷой дошт. Кормандони Муассисаи тафтишотии №9/1 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия маҳкумшуда И. Б.-ро мавриди лату кӯб қарор доданд ва дар натиҷа ӯ ҳангоми ба Маркази тиббии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия бурдан ҳалок гардид. Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ оид ба ҳодисаи мазкур кормандони муассиса маҳкумшуда Б.И.-ро барои таҳқири онҳо ва итоат накарданаш бераҳмона лату кӯб намуданд, ки дар натиҷа ӯ ба ҳалокат расидааст.

Оид ба ин ҳодиса аз тарафи Прокуратураи генералӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, се нафар кормандони муассиса ба мӯҳлатҳои гуногун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд.

Бинобар сабаби дар фаъолияти мақомотҳои қудратӣ истифода бурдани шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона ташкилотҳои байналмилалӣ низ изҳори нигаронӣ намуда, Ҳукумати ҷумҳуриро барои хотима бахшидан ба шиканҷа даъват карданд.

Масъалаи вобаста ба истифодаи шиканҷа дар давоми се соли охир мавриди баррасии муколамаҳои Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо, Тоҷикистон бо Швейтсария, ҷаласаҳо оид ба ченакҳои инсонии САҲА қарор гирифта, ба ҷониби Тоҷикистон ҷиҳати бартараф кардани шиканҷа тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

Бо мақсади пешгирӣ намудани вайронкунии ҳуқуқи инсон дар самти озодӣ аз шиканҷа чунин тавияҳо пешниҳод мешаванд:

- ба Кодекси ҷиноятӣ дохил намудани моддаи алоҳида оид ба шиканҷа;

- ба тасвиб расонидани Протоколи иловагии Конвенсияи зидди шиканҷа ва таъсис додани механизми миллии пешгирии шиканҷа;

- таъмин намудани ташхиси ҳатмии тиббии мустақил ҳангоми дастгиркунӣ;

- таъмин намудани ташхиси тиббии шахсони аз озодӣ маҳрумшуда бе иштироки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

- таъсиси механизми самараноки тафтиши фаврии ҳодисаҳои шиканҷа;

- дар қонун муайян намудани меъёр дар бораи ӯҳдадории кормандони мақомоти тафтишотӣ ва кормандони тиббӣ, ки бо дастгиршудагон сару кор мегиранд, ҳангоми пурсиш бо худ гардонидани лавҳача (бейҷик) бо нишон додани ному насаби онҳо;

- гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ бо мақсади фаҳмонидани ҳуқуқҳои шахс ҳангоми дастгиршавӣ;

- гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ оид ба пешгирии шиканҷа;

- таҳия намудани Қарори Пленуми Суди Олӣ оид ба амалияи татбиқи қонунгузорӣ аз тарафи судҳо дар мавриди баррасии ҳолатҳои шиканҷа, аз ҷумла ҳангоми баррасии дархостҳои ба сифати чораи пешгирӣ ба ҳабс гирифтан.

### 2.3. Ҳуқуқ ба ҳимоя

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шуданаш метавонад аз ёрии адвокат истифода намояд. Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад.

Ин ҳуқуқ бо санадҳои байналмилалии аз ҷониби ҷумҳурӣ эътирофшуда низ кафолат дода шудааст. Тибқи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ҳар кас ҳангоми баррасии ҳар гуна айбдории ба ӯ эълоншуда метавонад худро шахсан ё тавассути ҳимоятгари интихобнамудааш ҳимоя кунад, агар ӯ ҳимоятгар надошта бошад, дар бораи ин ҳуқуқ хабардор карда шавад ва дар ҳар ҳолат, вақте ки манфиатҳои адолат инро тақозо намояд, ҳимоятгари барои ӯ таъиншударо дошта бошад. Ҳангоме, ки ӯ маблағи кофии пардохти музди чунин ҳимоятгарро надошта бошад, дар чунин ҳолат бепул бо ҳимоятгар таъмин карда шавад.

Рушди давлати демократию ҳуқуқбунёд бе таъмини ҳуқуқ ба ҳимоя ва дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ имконнопазир аст. Бинобар ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир бахри ислоҳоти низоми ёрии ҳуқуқӣ диққати махсус зоҳир карда шуда, чораҳои дахлдор андешида мешаванд.

Моҳи январи соли 2011 Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2011-2013 аз ҷониби Президенти мамлакат тасдиқ карда шуд, ки тибқи он бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, амалӣ намудани адолати судӣ қабули санади қонунгузорӣ дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст.

Ба қонунгузории амалкунанда дар давраи амалӣ гардонидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар масъалаи расонидани ёрии ҳуқуқӣ тағйиротҳои куллӣ ворид карда шуданд. Кафолатҳои расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» муқаррар карда шудаанд.

Мувофиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ҳимоятгар аз лаҳзаи қабули қарори оғози парвандаи ҷиноятӣ дар ҳаққи шахс, инчунин аз лаҳзаи воқеан дастгир гардидани ӯ роҳ дода мешавад. Қонун ба ҳимоятгар ҳуқуқ додааст, ки аз лаҳзаи ба парванда роҳ дода шуданаш бе мамониат бо шахси таҳти ҳимояаш буда, як ба як, маҳрамона бе маҳдуд кардани шумора ва давомнокӣ сӯҳбат кунад. Инчунин ҳолатҳои ҳатмӣ будани иштироки ҳимоятгарро қонун муайян кардааст.

Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки дар роҳи амалӣ намудани ҳуқуқи дастгиршудагон, гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ба ҳимоя ва иҷрои ваколатҳои ҳимоятгарон дар баъзе ҳолатҳо аз ҷониби мақомотҳои тафтишотӣ монеаҳо эҷод карда мешаванд. Аз ҷумла, муассисаҳое, ки дар онҳо шахсони дастгиршуда нигоҳ дошта мешаванд, аз адвокатҳо барои вохӯрдани онҳо бо зерҳимояашон иҷозатномаи мақомоти пешбарандаи тафтишоти пешакӣ талаб карда мешавад ва адвокат бе пешниҳод намудани чунин иҷозатнома имконияти бо зерҳимояаш вохӯрданро надорад. Инчунин ба адвокатҳо баъзан имконият дода намешавад, ки бо зерҳимояашон як ба як, маҳрамона сӯҳбат намоянд. Аз ҷой доштани чунин ҳолатҳо муроҷиатҳои ба мақомоти Ваколатдор воридгардида низ шаҳодат медиҳанд. Адвокати ваколатдор Б.А. ҷиҳати мусоидат намудан дар таъмини вохӯрии ӯ бо зерҳимояаш - шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки дар тавқифгоҳи тафтишотии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ нигоҳ дошта мешуд, ба Ваколатдор муроҷиат намуда, иброз доштааст, ки муфаттиши пешбарандаи тафтишоти пешакӣ ба ӯ барои вохӯрдан бо зерҳимояаш иҷозат намедиҳад. Барои вохӯрдан бо зерҳимояаш ӯ якчанд маротиба бо дархост ба Прокуратураи генералӣ ва Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар шаҳри Душанбе муроҷиат намудааст, вале дархостҳои ӯ бенатиҷа мондаанд. Ҷиҳати таъмини риояи талаботи қисми 2 моддаи 53 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон Ваколатдор бо дархост ба Прокуратураи генералӣ муроҷиат кард ва ба адвокат барои вохӯрдан бо зерҳимояаш иҷозат дода шуд.

Ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки мақомотҳои тафтишотӣ имконият намедиҳанд, ки дастгиршудагон бо адвокати интихобкардаи худ вохӯранд ва даъвати дигар адвокатро тавсия медиҳанд, гарчанде тибқи талаботи қонунгузории мурофиавӣ мақомоти пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳуқуқ надоранд, ки ба ягон кас даъвати ҳимоятгари муайянро тавсия намоянд. Масалан, шаҳрванд С.А. ба Ваколатдор дар бораи он шикоят кардааст, ки писари ӯ – С.Д. –ро кормандони мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия рӯзи 23 декабри соли 2011 боздошт намудаанд. Хешовандони ӯ дар бораи боздошт шуданаш хабардор карда нашудаанд. Баъди хабардор шудан рӯзи 26 декабр онҳо барои амалӣ гардонидани ҳимояи фарзандашон адвокат интихоб кардаанд, аммо то рӯзи 28 декабр ба адвокати интихобкарда имконияти бо зерҳимояаш вохӯрданро надодаанд. Барои муайян намудани ҳолатҳои зикргардида аз ҷониби Ваколатдор ба мақомоти мазкур дархост ирсол гардид.

Новобаста ба он, ки қонунгузории амалкунанда кафолати дастрасӣ ба ҳимояро муқаррар намудааст, ҳанӯз баъзе мухолифатҳо дар қонун низ дида мешаванд. Аз ҷумла, қисми 2 моддаи 94 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки дар вақти тартиб додани протоколи дастгиркунӣ, ки дар муддати се соат пас аз овардани шахс ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ тартиб дода мешавад ва ба ӯ ҳуқуқи даъват кардани ҳимоятгар фаҳмонида мешавад. Гарчанде тибқи меъёри моддаи 49 Кодекси мазкур шахс аз лаҳзаи дастгир шуданаш ба ҳимоя ҳуқуқ дорад.

Тибқи стандартҳои байналмилалӣ ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқӣ ба ҳар кас кафолат дода мешавад. Аз ҷумла, ба онҳое, ки имконияти пардохти музди ҳимоятгарро надоранд, вале таъмини адолат доштани ҳимоятгари таъиниро тақозо менамояд.

Масъалаи таъмини ёрии ҳуқуқии ройгонро Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст. Аз ҷумла, қонун ба айбдоршаванда ҳуқуқ додааст, ки аз лаҳзаи дастгир шуданаш ҳимоятгар дошта бошад, дар

ҳолатҳои лозимӣ ва бо тартиби пешбининамудаи қонун аз кӯмаки ҳимоятгар ройгон истифода барад.

Аммо ҳоло дар ҷумҳурӣ бинобар сабаби набудани қонуни алоҳида дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон, ки тартиби расонидани чунин ёрӣ ва пардохти ҳаққи хизмати адвокатҳои таъиниро ба низом медарорад, дар бораи самаранокии ёрии ҳуқуқии ройгон сухан рондан мушкил аст. Санади меъёрии ҳуқуқие, ки механизми расонидани ёрии ҳуқуқии ройгонро танзим менамояд, Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 206 аз 4 июни соли 1992 «Оид ба тартиби ба ҳисоби давлат гузаронидани хароҷотҳои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон аз ҷониби адвокатҳо» мебошад, ки ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нест. Қарори мазкур имконияти расонидани ёрии ҳуқуқиро танҳо дар мурофиаҳои ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд.

Қонунгузории амалкунанда ба одамони камбизоат барои гирифтани ёрии ҳуқуқии ройгон дар парвандаҳои гражданӣ имконияти пурра намедиҳад. Дар рӯйхати шахсоне, ки ба ёрии ҳуқуқии ройгон ҳуқуқ доранд, меъёри муайянкунанда, ки ба шахс барои гирифтани чунин ёрӣ имконият медиҳад, муайян карда нашудааст. Инчунин дар ин рӯйхат ба ғайр аз маъюбон дигар шахсони имконияташон маҳдуд (нафақахӯрон, ноболиғон) нишон дода нашудаанд. Аҳолӣ дар бораи тартиб ва шаклҳои расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон маълумот надорад.

Дигар мушкилоте, ки дар самти расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ҷой дорад, ин муайян набудани буҷети мушаххас барои пардохти ҳаққи хизмати адвокатҳои таъинӣ мебошад, ки сабаби ба таъхир андохта шудани ин пардохтҳо ва дар натиҷа паст шудани сифати ҳимоя мегардад.

**Вобаста ба ҳолатҳои қайдшуда тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**- таъмини иҷрои меъёрҳои амалкунандаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ вобаста ба ҳуқуқи дастгиршуда ба ҳимоя дар ҳамаи давраҳои тафтишот ва суд, аз ҷумла кафолати махрамияти сӯҳбати адвокат бо зерҳимоя;**

**- барҳам додани амалияи барои вохӯрӣ бо зерҳимоя гирифтани иҷозати хаттии муфаттиш;**

**- қабули Қонун дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ва дар он муайян намудани таъмини ёрии ҳуқуқии ройгон дар парвандаҳои гражданӣ;**

**- дар буҷети давлатӣ муайян намудани моддаи алоҳида оид ба пардохти ҳаққи хизмати ҳимоятгарони таъинӣ;**

**- муайян намудани меъёри камбизоатии шахс, ки барои расонидании ёрии ҳуқуқии ройгон ҳуқуқ медиҳад;**

**- таҳияи механизми назорат аз болои сифати ёрии ҳуқуқии ройгон;**

**- ташкили низоми мукаммал ва пуриқтидори адвокатура;**

**- баланд бардоштани малакаи касбии адвокатҳо;**

**- гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ дар бораи ба аҳолӣ фаҳмонидани шакл ва тартиби муроҷиат барои ёрии ҳуқуқии ройгон.**

## 2.4. Ҳуқуқ ба ҳаёт ва бекор кардани ҷазои қатл

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои табиии инсонро дахлнопазир эълон доштааст.

Дар баробари ин моддаи 18 Конститутсия имконияти татбиқи ҷазои қатлро пешбинӣ кардааст: «Ҳеҷ кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад, ба истисноӣ ҳукми суд барои ҷиноятҳои махсусан вазнин».

Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 январи соли 1999 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро ба тасвиб расонидааст, ки дар он ҳуқуқ ба ҳаёт ҳуқуқи ҷудонопазири ҳар кас эътироф гаштааст. Дар Протоколи дуюми иловагӣ ба Паймони мазкур омадааст, ки нафаре, ки таҳти салоҳияти давлат-иштирокчии Протоколи мазкур қарор дорад, ба ҷазои қатл дучор намешавад ва ҳар як давлати иштирокчӣ барои барҳам додани ҷазои қатл дар доираи салоҳияти худ тамоми чораҳои заруриро меандешад, ба истисноӣ истифодаи ҷазои қатл дар ҳолати ҷанг, баъди исбот шудани гуноҳ дар содир намудани ҷинояти вазнини ҷангӣ.

Гарчанде Ҷумҳурии Тоҷикистон Протоколи мазкурро ба тасвиб нарасонида бошад ҳам, вале сиёсати тадриҷан бекор кардани ҷазои қатлро амалӣ карда истодааст. Омилҳое, ки зарурати бекор кардани ҷазои қатлро талаб

мекарданд, мавриди баррасии форумҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ қарор дода шуда, сиёсати давра ба давра бекор кардани ҷазои қатл амалӣ гашта истодааст. Соли 2004 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи ҷазои қатл дар ҷумҳурӣ ба мӯҳлати номуайян боздошта шуд.

Соли 2005 дар қонуни ҷиноятӣ ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ҳамчун алтернативаи ҷазои қатл муқаррар карда шуд.

Бо мақсади таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии мавҷудияти ҷазои қатл дар низоми қонунгузории мамлакат бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст. Дар тӯли фаъолияти қариб дусола аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар доираи нақшае, ки тасдиқ шудааст, чорабиниҳои зиёди илмию оммавӣ гузаронида шуданд. Конференсияи байналмилалӣ дар мавзӯи «Осиёи Марказӣ бе ҳукми қатл», ки моҳи майи соли 2011 бо иштироки намояндагони ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, моҳи декабри соли 2011 дар шаҳрҳои Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Хоруғ дар мавзӯи «Аз мораторий ба бекор кардани ҷазои қатл дар Тоҷикистон: проблемаҳо ва дурнамоҳо» семинарҳо баргузор гардид. Мавриди муҳокимаи васеъ қарор дода шудани масъалаи бекор кардани ҷазои қатл гувоҳи роҳи пешгирифтаи давлат оид ба бунёди ҷомеаи демократӣ, адолатпарвар ва башардӯстона мебошад.

Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ таҳлили пешакии миқдори ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, ки баъди соли 2004 то инҷониб содир шудаанд, нишон медиҳад, ки эълони мораторий ба зиёд шудани миқдори ин ҷиноятҳо таъсир нарасонидааст.

Муҳокимаи васеи масъалаи ҷазои қатл бо иштироки қишрҳои гуногуни ҷомеа муносибати шаҳрвандонро низ нисбати ин масъала ба куллӣ тағйир додааст. Натиҷаи пурсишҳои охирин нишон медиҳанд, ки аксарияти аҳолӣ, яъне 61% тарафдори бекор кардани ҷазои қатл аст.

Моҳи октябри соли 2011 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Шарҳи умумии даврӣ ба Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон маърӯза пешниҳод намуд. Аз натиҷаи ин маърӯза давлатҳои аъзои СММ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

бекор кардани ҷазои қатл ва ҳамроҳ шудан ба Протоколи дуюми иловагии Паймони байналмилалии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ 12 тавсия пешниҳод гардид ва ин масъала ҳоло ҷиҳати муайян намудани мавқеи ҷумҳурӣ мавриди омӯзиши гурӯҳи корӣ қарор дорад.

Аз вақти ҷорӣ намудани мораторий ҷумҳурӣ бо мушкилоти ҷойи нигоҳдории категорияи шахсони ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрумшуда рӯ ба рӯ шудааст. Миқдори шахсоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум мешаванд, меафзояд, вале дар ҷумҳурӣ ҷойҳои дахлдор барои нигоҳдошти маҳкумшудагони якумра мавҷуд нест. Давлат ба муассисаҳои ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ барои маҳкумшудагони якумра ниёз дорад. Зарурати бекор кардани ҷазои қатл андешидани чораҳоро дар ин самт талаб менамояд.

Бинобар ин зарурат ба вуҷуд омадааст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои дахлдори байналмилалӣ, давлатҳои аъзои Паймони мазкур дар ин масъала ба Тоҷикистон кӯмаки молиявию техникӣ расонанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мусоидат дар ҳимояи ҳуқуқи инсон ба ҳаёт ва бекор кардани ҷазои қатлро ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти худ барои солҳои 2011-2015 арзёбӣ намуда, **ба тасвиб расонидани Протоколи дуюми иловагии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро бо назардошти шарти дар моддаи 2 Протокол муқарраршуда ва таъсиси механизми миллии пешгирии шиканҷаро мувофиқи мақсад мешуморад.**

### 2.5. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида

Тибқи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба муносибати инсонӣ ва эҳтироми шаъну шарафи ба шахсияти инсон хосбуда, ҳақ доранд.

Муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи кафолати баробарии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, инчунин нисбати шахсони аз озодӣ маҳрумшуда низ татбиқ мешаванд.

Дар Тоҷикистон бо мақсади риояи стандартҳои байналмилалии муносибат бо шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ва мусоидат дар риояи ҳуқуқҳои онҳо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд. Аз ҷумла, ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд, ки тибқи онҳо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон метавонад мустақилона ё якҷоя бо шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон санҷиши гузаронад.

Ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, инчунин ҳуқуқ дода шудааст, ки бо шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар танҳоӣ мулоқот намояд ва мукотибаи байни онҳо тахти назорат (сензура) қарор дода намешавад. Тағйиротҳои воридгардида ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда имконият медиҳад, ки дар сурати вайрон шудани ҳуқуқашон бевосита ба мақомоти Ваколатдор муроҷиат намоянд.

Тибқи Қонуни мазкур нисбати маҳкумшудагоне, ки барояшон ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъин гардидааст, як қатор кафолатҳо, аз ҷумлаи дар камераҳо на зиёда аз дунафарӣ нигоҳ дошта шудан, сайру гашти ҳаррӯзаи давомнокиаш то якуним соат ва дар сурати нишон додани рафтори хуб то ду соат дароз намудани он, дар мавриди надоштани муҷозот барои вайрон кардани қоидаҳои муқаррарнамудаи адои ҷазо ва муносибати софдилона ба меҳнат бо гузаштани на камтар аз даҳ соли мӯҳлати адои ҷазо аз шароити муқаррарии адои ҷазо ба шароити беҳтар гардонидашуда гузаронидани маҳкумшуда ва тартиби хароҷоти маблағ барои хариди озуқаворӣ, шумора ва намуди мулоқотҳо, инчунин гирифтани фириста, дастовез ва баста вобаста ба шароити адои ҷазо пешбинӣ шудаанд.

Моҳи июни соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» қабул гардид. Ҷиҳатҳои муҳими ин Қонун муайян намудани тартиби гирифтан ва ирсол намудани мактубҳо, мулоқот бо хешовандон, хизматрасонии тиббӣ, таъминоти хӯрокворӣ, манъи дар як камера нигоҳ доштани шахсоне, ки бори аввал ҷиноят содир намудаанд бо ҷинояткорони ретсидивист, ҷинояткорони ноболиғ бо калонсолон, беҳтар намудани шароити

нигоҳдории занҳои ҳомила ва заноне, ки бо худ фарзандонашонро нигоҳ медоранд, ӯҳдадории давлат оид ба таъмини шароит барои якҷоя нигоҳ доштани онҳо, хизматрасонии тиббӣ ва таъминоти онҳо бо хӯрокворӣ мебошанд.

Тибқи маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 дар доираи имкониятҳои мавҷуда баҳри беҳтар гардонидани шароити нигоҳдории шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар муассисаҳои ислоҳӣ корҳои мушаххас ба анҷом расонида шудаанд. Дар муассисаҳои ислоҳии ЯС 3/1,2,3,4,5,7,8,12, ЯТ 9/2 ва қисман муассисаи ЯС 3/6, 3/13, 9/1,3,4,5 ва 9/7 дар ошхонаҳо, чойхонаҳо, ҳуҷраҳои мулоқоти дарозмуддату кӯтоҳмуддат, ҳаммомхонаҳо таъмири ҷорӣ гузаронида шудааст. Дар муассисаҳои ЯС 3/2, 3/4 ва 3/7 ҳуҷраҳои иловагӣ барои мулоқоти дарозмуддат сохта, ба истифода дода шуд. Дар ҳамаи муассисаҳои ислоҳӣ ва тавқифгоҳҳои тафтишотӣ ҷойҳои мулоқоти кӯтоҳмуддат ба пуррагӣ аз таъмир бароварда шуда, ҷойи қабули дастовезҳо ва баргузории мулоқотҳо аз нав сохта, ба истифода дода шуданд. Дар шаҳри Ваҳдат муассисаи ислоҳии нави замонавӣ ва дар беморхонаи марказии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои маҳкумшудагони бемориҳои сил бинои сеошёна сохта шуда истодааст.

Маблағгузорӣ барои беҳбуд гардонидани ёрии тиббӣ низ дар соли 2011 25% зиёд гардидааст. Бо мақсади пешгирӣ намудани паҳншавии касалиҳои сирояткунанда дар муассисаҳои ислоҳӣ ва тавқифгоҳҳои тафтишотӣ маҳкумшудагон ва шахсоне, ки дар тавқифгоҳҳо нигоҳ дошта мешаванд аз ташхиси флюорографӣ ва тести таъҷилии зидди ВНМО (Вируси норасоии масунияти одам) гузаронида шудааст.

Дар муассисаҳои ЯС 3/4  ва 3/8 ҳуҷраҳои кории бюрои иҷтимоӣ ташкил карда шудаанд, ки дар он шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба муҳити беруна баъди озодшавӣ омода карда мешаванд.

Бо мақсади ҷалби шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба чорабиниҳои фарҳангӣ, баланд бардоштани сатҳи маданию маърифатӣ, тарбияи онҳо дар рӯҳияи инсондӯстию эҳтироми қонун китобхонаҳои муассисаҳои ислоҳӣ дар

соли 2011 бо 3600 китобҳои дарсию бадеӣ таъмин карда шудаанд. Ҳамчунин аввалин маротиба дар тамоми муассисаҳои ислоҳӣ бо шахсони аз озодӣ маҳрумшуда вохӯриҳои намояндагони Кумитаи дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои уламо ба вуқӯъ пайваст.

Қайд кардан зарур аст, ки бо вуҷуди чораҳои андешидашаванда бинобар он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳбасхонаҳои иборат аз иморатҳои кӯҳнаи шакли лагерии ба стандартҳои шӯравӣ мувофиқбударо мерос гирифтааст, дар бораи таъмини пурраи шароити нигоҳдории маҳкумшудагон сухан рондан душвор аст. Ин шакли маҳбасхонаҳо ба стандартҳо ва талаботҳои санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ қисман ҷавобгӯ мебошад. Аммо давлат дар шароити имрӯзаи молиявӣ - иқтисодӣ имконияти пурра азнавсозии онҳоро надорад. Бинобар ин дастгирии молиявию техникии беруна зарур аст.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз вазифаҳои Ваколатдор мусоидат дар риоя ва барқарорсозии ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва нимпӯшида мебошад. Бо ин мақсад ба Ваколатдор ҳуқуқ дода шудааст, ки бе мамониат ба муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ташриф орад. Инчунин ӯ метавонад мустақилона ё якҷоя бо дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ санҷиши муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятиро гузаронад.

Миқдори мурочиатҳои дар соли 2011 аз шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба мақомоти Ваколатдор воридгардида 4 ададро ташкил медиҳанд. Дар се ҳолат маҳкумшудагон шикоят намудаанд, ки ҳангоми гузаронидани тафтишоти пешакии парвандаи ҷиноятӣ онҳо мавриди шиканҷа ва муносибати бераҳмона қарор дода шудаанд ва дар натиҷа аз ҳукми судии нисбати онҳо содиршуда норозигӣ баён намудаанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Стратегияи фаъолияти худ барои солҳои 2011-2015 мусоидат ба ҳимояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва нимпӯшидаро ҳамчун самти афзалиятнок арзёбӣ намуда, бо истифода аз ваколатҳои худ соли 2011 ба муассисаҳои ислоҳӣ, тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатӣ, беморхонаҳои рӯҳӣ ташриф овард.

Ҷиҳати шиносоӣ бо вазъи риояи ҳуқуқи инсон ба муассисаиислоҳии № ЯС 3/4 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боздид ба амал оварда шуд. Зимни боздид кормандони дастгоҳи Ваколатдорро намояндагони созмони ҷамъиятӣ - Идораи оид ба ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният ва намояндагони воситаҳои ахбори омма (рӯзномаи «Чархи гардун») ҳамроҳӣ мекарданд.

Ҳангоми боздид шароити ҳуҷраҳои мулоқоти кӯтоҳмуддат, гармхона, ошхона, ҷойи хоби шахсони аз озодӣ маҳрумшуда мавриди санҷиш қарор дода шуд.

Санҷиши шароити ҷойи хоб нишон дод, ки шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар катҳои дуқабата, ки дар коргоҳи худи муассиса сохта мешаванд, хоб мераванд ва ҳангоми гузоштани катҳо масоҳати муқарраршуда барои ҳар як маҳбус риоя шудааст.

Зимни сӯҳбат бо шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, ки дар ҳавлии муассиса баргузор гардид, баъзеи онҳо аз татбиқ нагардидани Қонун «Дар бораи авф» аз 20 августи соли 2011 нисбати онҳо норозигӣ баён намуданд. Зимнан аз муассисаи мазкур 215 нафар тибқи қонуни авф озод шуда, 54 нафари дигар дар арафаи озодшавӣ буданд.

Дар муассисаи ислоҳӣ мактаби миёнаи шабонаи коргарҷавонон бо литсензияи Вазорати маориф амал мекунад, ки барои таҳсили синфҳои 10, 11, 12 муқаррар гаштааст ва аз 7 синф иборат аст. Дар мактаб 128 нафар машғули таҳсил буда, пас аз хатми таҳсил ба онҳо дар бораи маълумоти миёнаи пурра шаҳодатнома дода мешавад. Дар муассиса, инчунин Омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ, ки ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда касбҳои дуредгарӣ, кафшергарӣ, устои барқ ва ғайрарро меомӯзонад, амал мекунад.

Меҳмонхонаи муассиса, ки барои дидорбинии шабонарӯзии маҳбусон бо хешовандонашон пешбинӣ шудааст, аз 25 ҳуҷра, ошхона, ҳоҷатхона ва ҳуҷраи шустушӯй иборат буда, аз таъмири асосӣ баромадааст.

Дар доираи ҳамкориҳо бо Шӯъбаи кафолатҳои конститутсионии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади боздид ва гузаронидани санҷиши муассисаҳои ислоҳӣ Ваколатдор ба тавқифгоҳи муваққатии шаҳри Хуҷанд ташриф овард.

Санҷиши вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои нимпӯшида, ба монанди муассисаҳои махсусгардонидашуда барои кӯдакон, хонаи кӯдакон, хона-интернатҳо ва муассисаҳои психиатрӣ самти дигари фаъолияти Ваколатдор аст.

Бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқи беморони гирифтори касалиҳои рӯҳӣ, расонидани кӯмаки тиббӣ ба чунин беморон моҳи июни соли 2011 дар Маркази ҷумҳуриявии клиникии беморони рӯҳӣ санҷиш гузаронида шуд.

Санҷиш нишон дод, ки дар Марказ барои 30 нафар кат мавҷуд буда, дар вақти санҷиш ҳамагӣ 12 нафар беморон, 6 нафар зан ва 6 нафар мард табобат мегирифтанд. Ҳуҷраҳои беморон таъмир карда шуда, ҷойҳои хобашон тозаву озода ва дар ҳолати хуби санитарӣ қарор дошт.

Ҳамагӣ дар марказ 10 нафар духтур ва 6 нафар ҳамшираҳои тиббӣ кор мекунанд, ки аз онҳо 9 нафарашон рӯҳшинос ва 1 нафар духтур-маслиҳатчӣ мебошанд.

Гарчанде ошхонаи беморхона дар ҳолати хуби санитарӣ қарор дошт, вале зарфҳои хӯрокхурӣ фарсуда буданд. Дар як рӯз ба ҳар бемор барои хӯрока 3 сомонию 43 дирам маблағ пешбинӣ шудааст, ки ин барои бо хӯроки серғизо таъмин гардидани беморон кофӣ нест.

Ҳуҷраҳои корӣ барои духтурон ба талабот ҷавогӯ нестанд, зеро дар як ҳуҷра 3-4 духтур кор мекунад, ки барои қабули беморон душвор аст.

Моҳи сентябри соли 2011 дар Беморхонаи клиникии ҷумҳуриявии бемориҳои рӯҳӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ санҷиш гузаронида шуд.

Ҳангоми санҷиш муайян карда шуд, ки дар беморхона 661 нафар беморон бистарӣ мебошанд. 285 нафар кормандон барои нигоҳубини беморон фаъолият менамоянд, ки онҳо духтурони рӯҳшинос, ҳамшираҳои шафқат ва кормандони

техникӣ мебошанд. Ҳамчунин 4 нафар корманди ҳифзи ҳуқуқ дар шӯъбаҳои махсусгардонидашуда кор мекунанд.

Беморон бо маводҳои доруворӣ асосан аз тарафи давлат ва кӯмакҳои башардӯстона таъмин карда мешаванд. Гарчанде ки аз тарафи ташкилотҳои ғайридавлатӣ кӯмакҳои башардӯстона расонида шавад ҳам, талаботи беморонро дар ин самт пурра қонеъ карда наметавонад. Дар беморхона барои дастрас кардани баъзе намудҳои доруворӣ маблағи зиёд лозим аст. Беморон ба хӯрокҳои серғизо ниёз доранд.

Камбудии дигаре, ки дар вақти санҷиш ба назар расид, дар ҳудуди беморхона ҷой доштани хонаҳои истиқоматии бошандагони деҳа мебошад, ки кӯдакони хурдсол дар он гаштугузор мекунанд ва ин то як андоза ба тарбия ва беҳдошти саломатии беморон таъсири манфӣ мерасонад.

Ҷиҳати шиносоӣ бо вазъи риояи ҳуқуқи инсон моҳи сентябри соли 2011 аз Мактаби махсуси ҷумҳуриявии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон боздид ба амал оварда шуд. Мактаб барои 120 нафар хонанда пешбинӣ шудааст, вале зимни боздид дар он 65 писарбачаи аз 11 то 15 - сола дарс меомӯхтанд ва истиқомат мекарданд. Дар мактаб 41 нафар кормандон фаъолият мекунанд, ки аз онҳо 16 нафар омӯзгор-муррабӣ ва 25 нафар кормандони техникӣ мебошанд.

Санҷиши шароити ҷойи хоби мактаббачагон нишон дод, ки бачаҳо аз катҳои дуқабата истифода мебаранд ва ҳангоми гузоштани катҳо масоҳати муқарраршуда риоя шудааст.

Дар баробари ин мавриди қайд аст, ки таъминоти мактаб бо озуқа хуб нест. Дар инҷо барои хӯрокаи ҳар як мактаббача рӯзе ҳамагӣ 3 сомонӣ ҷудо карда мешавад, ки хеле кам аст.

Аз натиҷаи санҷиш ба мақомоти дахлдор ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида тавсияҳои зарурӣ ирсол шуда, иҷрои онҳо зери назорати Ваколатдор қарор дода шуданд.

Ҷиҳати иҷрои вазифаҳои Ваколатдор дар самти баланд бардоштани дониши кормандони муассисаҳоиислоҳӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ якҷоя бо

намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералӣ ва факултаи ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо кӯмаки Идораи САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди омӯзонидани стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ ҷиҳати пешгирии шиканҷа ва механизмҳои байналмилалӣ ва миллии ҳифзи ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда семинару машваратҳо гузаронида шуданд.

Масъалаи вобаста ба риояи талаботи конвенсияҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва пешгирии ҳолатҳои шиканҷаи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, санҷиши шароити нигоҳдорӣ ва будубоши онҳо ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати Ҷумҳурииии Тоҷикистон қарор дорад. Бо ҳамин мақсад оид ба гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ, семинарҳои омӯзишӣ ва санҷиши шароити нигоҳдорӣ ва будубоши маҳкумшудагони якумра ва маҳкумшудагони маҳбасхонаҳо гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шудаанд.

Вале тавре амалия нишон медиҳад, ҳолатҳои роҳ додан ба чунин вайронкунии дағалонаи ҳуқуқи инсон ба мушоҳида мерасад. Дар соли 2011 дар Тавқифгоҳи тафтишотии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҳолати тасдиқшудаи мавриди шиканҷа ва лату кӯб қарор дода шудани маҳкумшуда, ки боиси марги ӯ гаштааст, ба қайд гирифта шудааст.

**Бинобар ин ҳимояи ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда тасвиби Протоколи иловагии Конвенсияи шиканҷаро, ки мақсади асосии он таъсис додани механизми миллии пешгирии шиканҷа мебошад, тақозо менамояд. Таъсис додани чунин механизм ҷиҳати мониторинги пайвастаи ҷойҳои нигоҳдории шахсони аз озодӣ маҳрумшуда метавонад воситаи самараноки пешгирии шиканҷа ва беҳтар гардонидани шароити нигоҳдории онҳо гардад.**

**Инчунин мувофиқи мақсад аст, ки ба таври доимӣ мониторинги риояи ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда бо ҷалби намояндагони сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва васоити ахбори омма гузаронида шавад.**

## 2.6. Ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма

Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти шартномаҳои байналмилалиро дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба тасвиб расонидааст, ки тибқи онҳо пойдорӣ ва таъмини ҳуқуқи инсон ба озодии ибрози ақида муқаррар гаштааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳар касро ба озодии сухан, нашр, истифода аз воситаҳои ахбор кафолат додааст. Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ гаштааст.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи телевизион ва радиошунавоӣ», «Дар бораи сирри давлатӣ» ва дигар қонунҳо фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро танзим мекунанд.

Мувофиқи қонун воситаҳои ахбори омма рӯзномаю маҷаллаҳо, бюллетенҳо ва дигар нашрияҳои даврӣ, ки барои дар байни мардум интишор кардан пешбинӣ шудаанд, инчунин барномаҳои телевизиону радио, кинохроника, хабарҳои агентиҳои иттилоотонӣ, сабтҳо ва барномаҳои аудио ва аудиовизуалӣ мебошанд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ 292 рӯзнома ба қайд гирифта шуда, амал мекунад, ки аз онҳо 104 адад рӯзномаи давлатӣ ва 188 адад рӯзномаи хусусӣ мебошанд. Ҳамчунин 154 адад маҷаллаи ба қайд гирифташуда фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 72 адад маҷаллаи давлатӣ ва 82 адад маҷаллаи хусусӣ мебошанд.

Дар соли 2011 тибқи қоидаҳои бақайдгирӣ дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 рӯзнома, ки аз инҳо 8 адад рӯзномаи давлатӣ ва 16 адад рӯзномаи хусусӣ ва 16 маҷалла, ки аз инҳо 7 адад давлатӣ ва 9 адад хусусӣ мебошанд, ба қайд гирифта шудаанд.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 Оҷонсии иттилоотӣ фаъолият менамоянд, ки як адади онҳо давлатӣ, яъне АМИТ «Ховар» ва 9 адади дигар оҷонсиҳои хусусӣ мебошанд.

Телевизион ва радио манбаи асосии пахн кардани иттилоот дар Тоҷикистон маҳсуб меёбанд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ 54 муассисаҳои телевизиониву радиоӣ, аз ҷумла 9 адад телевизиони давлатӣ, 23 адад телевизиони ғайридавлатӣ (аз ин 7-тоаш телевизиони ноқилӣ), 8 адад радиои давлатӣ ва 14 адад радиои ғайридавлатӣ фаъолият мекунанд.

Соли 2006 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари 119 давлати ҷаҳон ба Созишномаи минтақавӣ - «Женева 2006», ки аз тарафи Иттифоқи байналмилалии алоқаи электронӣ таҳия гардидааст, дохил гардид. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи гузаштан ба шабакаи рақамӣ барои солҳои 2010-2025 ва Барномаи гузариш ба шабакаи рақамӣ барои солҳои 2010-2015 қабул гардид, ки айни замон амалӣ шуда истодаанд.

Дар баробари кафолатҳои бо қонун муайянгардида, ҳолатҳои маҳдуд гардидани ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма низ ба назар мерасанд.

Яке аз ҳолатҳои маҳдуд шудани ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида ин маҳдуд намудани дастрасӣ ба иттилоот мебошад. Гарчанде моддаи 162 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои монеагӣ ба фаъолияти қонунии касбии журналистон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намуда бошад ҳам, то ҳол аз ҷониби баъзе шахсони мансабдори давлатӣ ҳолатҳои беасос рад намудани пешниҳоди маълумотҳо ҷой дорад. Ҳамчунин маҳдуд намудани дастрасӣ ба мурофиаҳои судӣ ҳолатҳои маҳдуд намудани ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот мебошад.

Гарчанде тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма» роҳбарони вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда шудаанд, ки фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро оид ба инъикоси ҷараёни дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакат дастгирӣ намоянд, аммо дар баъзе мавридҳо шахсони мансабдор пешниҳод намудани иттилоотро рад менамоянд ё барои пешниҳоди иттилоот гирифтани иҷозати мақомоти болоиро талаб менамоянд.

Ҳамчунин, ҳолатҳои аз ҷониби шахсони мансабдор пешниҳод намудани даъвоҳои судӣ нисбати намояндагони воситаҳои ахбори омма барои нашр намудани мақолаҳои танқидӣ ба назар мерасанд.

Моддаҳои 135, 136, 137 ва 330 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тӯҳмат ва таҳқир ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамоянд. Мавҷуд будани меъёрҳое, ки барои тӯҳмат ва таҳқир ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, боиси ба суд пешниҳод намудани мурочиатҳои зиёд мегардад.

Дар давраи солҳои 2010-2011 шаш ҳолати ба суд даъво пешниҳод намудан нисбати воситаҳои ахбори омма ба қайд гирифта шудааст.

Моҳи майи соли 2011 мурофиаи судӣ нисбати рӯзноманигори рӯзномаи «Нури зиндагӣ» М.И. бо даъвои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ашт оғоз карда шуд. М.И. моҳи декабри соли 2011 дастгир карда шуда, нисбати ӯ бо чор моддаи КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон айб эълон шуда буд, ки он аз «тӯҳмат», «таҳқир» ва «барангехтани ихтилофҳои маҳалгароӣ, нажодӣ ва миллӣ» иборат буд. Моҳи октябри соли 2011 Суди шаҳри Табошар М.И.-ро бо татбиқ намудани қонуни авф озод намуда, ба ӯ ба маблағи 35 ҳазор сомонӣ ҷарима таъин намуда, ба муддати 3 сол аз фаъолияти рӯзноманигорӣ маҳрум кард. Коллегияи судӣ оид ба корҳои ҷиноятии вилояти Суғд баъди баррасии шикояти кассатсионӣ ӯро аз ҷуброни пардохти маблағ (35 ҳазор сомонӣ) озод намуда, қарори суди зинаи поёниро оид ба мӯҳлати 3 сол манъ кардани фаъолияти рӯзноманигорӣ бекор намуд.

Тибқи стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон қонунҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тӯҳмат ва таҳқир пешбинӣ менамоянд, ба кафолатҳои озодии ибрози ақида дар воситаҳои ахбори омма мутобиқ нестанд. Зиёда аз ин, тартиби мавҷудаи гражданӣ-ҳуқуқӣ барои ҳимояи шаъну шараф ва номи нек кофӣ аст. Бинобар ин дар давраи ҳозира ба роҳ мондани таҷрибаи ягонаи татбиқи ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Тибқи Барномаиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2011-2013, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2011 тасдиқ шудааст, такмили қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла ғайриҷиноӣ гардонидани

чанде аз моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Дар доираи ин барнома ҳал намудани масъалаи мазкур мувофиқи мақсад аст.

Вазъи мавҷудаи риояи ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида ва дастрасӣ ба иттилоот мавриди баррасии ташкилотҳои байналмилалӣ низ гаштааст.

Намояндаи САҲА доир ба масъалаҳои ВАО Дуня Миятович, ки моҳи ноябри соли 2011 ба ҷумҳурӣ ташриф оварда, бо намояндагони Парлумон, вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мулоқот намуда, нисбати вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар ин самт изҳори нигаронӣ намудааст.

Дар рейтинги ҳарсолаи озодии матбуоти Созмони байналмилалии «Хабарнигорон бидуни марз» Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 дар байни 179 кишвари ҷаҳон ҷойи 122-юмро ишғол менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки соли 2010 лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» таҳия шуда, мавриди муҳокимаи доираи васеи намояндагони мақомоти қонунгузор, олимон, воситаҳои ахбори омма, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва коршиносон қарор дода шуд. Аз натиҷаи муҳокима ба лоиҳа як қатор тавсияҳо оид ба такмили он пешниҳод карда шуданд. Аммо қабули он ба таъхир андохта шудааст.

Дар баробари ин қайд намудан зарур аст, ки бархе аз кормандони воситаҳои ахбори омма аз доираи салоҳияти худ баромада, нисбати фаъолияти баъзе соҳаҳои муҳими давлатӣ маълумотҳои нодуруст ба табъ мерасонанд ва дар фаъолияти худ меъёрҳои қонун ва одоби рӯзноманигориро риоя намекунанд.

Соли 2009 намояндагони ҷомеаи рӯзноманигорони Тоҷикистон «Меъёрҳои одоби фаъолияти рӯзноманигорӣ дар Тоҷикистон» ва соли 2010 Эъломия оид ба ҷавобгарии иҷтимоии рӯзноманигоронро қабул намуданд, ки тибқи ин санадҳо рӯзноманигорону хабарнигорон бояд принсипҳои озодии ибрози ақидаро риоя намуда, аз доираи салоҳияташон набаромада, ба иттилои ҷомеа маводҳои босифат пешниҳод намоянд. Дар маҷмӯъ қабули ин санадҳо барои баланд

бардоштани маърифати ҳуқуқии рӯзноманигорон ва ҳисси масъулиятнокии касбии онҳо дар ҷомеа равона гардидааст.

Дар асоси Барномаи «Бунёди базаи миллии васоити ахбори омма», ки аз ҷониби Институти «Ҷомеаи Кушода»-и Бунёди Мадад дар Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад, аз моҳи декабри соли 2011 Маркази бозомӯзии журналистон ташкил карда шуда, ки алҳол фаъолият дорад. Дар доираи лоиҳаи мазкур доир ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳои рӯзноманигорон аллакай якчанд семинару мизҳои мудаввар гузаронида шудааст.

**Бо назардошти вазъи риояи ҳуқуқи инсон ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва ВАО дар ҷумҳурӣ чунин тавсияҳо пешниҳод мешаванд:**

**- гузаронидани экспертизаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро танзим мекунанд;**

**- ғайриҷиноӣ гардонидани ҷавобгарӣ барои тӯҳмат ва таҳқир;**

**- баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии рӯзноманигорон бо мақсади пурра риоя кардани меъёрҳои қонунҳо ва одоби рӯзноманигорӣ;**

**- ташкили реестри ягонаи ҳамаи воситаҳои ахбори омма;**

**- дар таҳрири нав ҳарчи тезтар қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма».**

## 2.7. Ҳуқуқи шахсони имконияташон маҳдуд

Маъюбон гурӯҳи осебпазири ҳар як ҷомеа ба ҳисоб мераванд.

Вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи маъюбон аз ҷониби СММ як қатор санадҳои байналмилалӣ қабул шудаанд. Аз ҷумла, 13 декабри соли 2006 аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон ва Протоколи иловагӣ ба он қабул гардида, онҳо аз 3 майи соли 2008 эътибор пайдо намудаанд. Ба ҳолати соли 2011 102 давлат иштирокчии Конвенсия ва 62 давлат иштирокчии Протоколи иловагии он мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии таъмини ҳифзи иҷтимоии маъюбон ва омода намудани шароиту имкониятҳои баробар барои зиндагии арзанда ва мутобиқшавии онҳо

ба ҷомеа 3 майи соли 2010 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» дар таҳрири нав қабул гардида, аз 29 декабри соли 2010 мавриди амал қарор дода шудааст.

Дар Қонуни мазкур ваколат ва ҷавобгарии мақомотҳои марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон, кафолати давлатии гузаронидани ташхиси тиббӣ–иҷтимоӣ ва таъмини зиндагии арзандаи маъюбон муқаррар карда шудааст.

Илова ба ин, ҳангоми зиёда аз 20 нафар будани шумораи умумии кормандон дар ташкилотҳо барои ба кор қабул кардани маъюбон на камтар аз панҷ фоиз квота ва андозбандии имтиёзнок муқаррар карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати моҳи сентябри соли 2011 дар ҳисоби расмӣ 164803 нафар маъюб, аз ҷумла 23,7 ҳазор кӯдакони маъюб ба қайд гирифта шудаанд. Боиси нигаронӣ аст, ки ин шумора таносуби зиёдшавӣ дорад (дар соли 1991 – 55 ҳазор буд). Дар кишвар ҳар сол аз 3 то 7,5 ҳазор кӯдакони маъюб таваллуд мешаванд.

Тибқи маълумоти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ 12 кӯдакистон бо фарогирии 3422 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд фаъолият менамоянд.

Дар системаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 адад хона-интернатҳо барои пиронсолону маъюбон ва беморони касалиҳои рӯҳӣ, муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони «Чорбоғ», муассисаи давлатии «Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон» фаъолият намуда, ба ниёзмандон қариб 20 намуди хизматҳои иҷтимоӣ-равонӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-тиббӣ ва маслиҳатӣ мерасонанд.

Ба ҳолати моҳи сентябри соли 2011 дар муассисаҳои зикршуда 1547 нафар бошандагон зиндагӣ мекунанд, ки назар ба соли гузашта 44 нафар зиёд аст. Аз ин шумора, 897 нафар мард ва 650 нафар зан буда, маъюбони гурӯҳи якум 200 нафар, маъюбони гурӯҳи дуюм 558 нафар, маъюбони гурӯҳи сеюм 108 нафар (асосан хонандагони литсей-интернати касбии махсуси маъюбон), аз ҷумла, 547

нафар маъюбон аз кӯдакӣ, 172 нафар маъюбони бистарӣ ва боқимонда пиронсолон мебошанд.

Бо мақсади дастгирӣ ва ҳифзи иҷтимоии бошандагони хона-интернатҳои маъюбон ва пиронсолон дар соли 2011 дар буҷети давлат 15010030 сомонӣ маблағ пешбинӣ шуда буд, ки барои ҳар як бошанда дар як сол 9702, 66 сомонӣ рост меояд.

Натиҷаи мониторинги ҳуқуқҳои шахсони имконияташон маҳдуд, ки аз тарафи филиали дар шаҳри Хуҷандбудаи Идора оид ба ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният дар якҷоягӣ бо Лигаи занҳои маъюби «Иштирок» соли 2011 дар вилояти Суғд гузарондашуда нишон дод, ки биноҳою иншоотҳои мавҷуда аз ҷиҳати дастрасӣ ба маъюбон ба талаботҳои меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ набуда, онҳо пандус (роҳравҳои безинапоя) ва лифтҳо надоранд, ҳоҷатхонаҳо барои шахсони имконияташон маҳдуд мутобиқ нестанд. Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят барои маъюбон нақлиёти ҷамъиятии дастрас, чароғакҳои овоздор, роҳравҳои махсус ва аломатҳо ба забони Брайл вуҷуд надоранд. Камбудиҳои зикргардида дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ низ ба назар мерасанд.

Қобили тазаккур аст, ки дар қонунгузории амалкунанда нисбати маъюбон баъзе камбудиву норасоиҳо низ мушоҳида карда мешавад. Аксарияти маъюбон хоҳиши кор ва фаъолият кардан доранд, аммо ин ҳуқуқи худро амалӣ карда наметавонанд. Масалан, ҳангоми муайянкунии маъюбӣ маъюбони гурӯҳи якум ва дуюм "корношоям" дониста мешаванд ва дар натиҷа ба кор таъмин намешаванд. Тибқи қонунгузории амалкунанда танҳо маъюбони гурӯҳи сеюм ҳуқуқ доранд, ки дар сурати бекор мондан барои бекорӣ кӯмакпулӣ гиранд.

Қонунгузорӣ табъизро нисбати шахсони имконияташон маҳдуд дар шуғл, таҳсилот, дастрасӣ ба саломатӣ ва ғайра манъ мекунад.

Занҳои имконияташон маҳдуд дар ҷомеа ва оила, хусусан дар минтақаҳои деҳот таҳти табъиз қарор дода мешаванд. Махсусан дар бисёр оилаҳое, ки духтарони имконияташон маҳдуд таваллуд мешаванд, падару модарон ҳуқуқҳои онҳоро маҳдуд мекунанд. Ба мактаб-интернатҳо ва мактабҳои таҳсилоти умумӣ рафтани онҳоро иҷозат намедиҳанд, ки ин сабаби бесаводии

онҳо мешавад. Инчунин, онҳо дар давраи балоғати репродуктивӣ нисбати ангезаҳои рӯҳӣ бештар осебпазиранд, ки ин дар оянда ба саломатии рӯҳии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳуқуқи кӯдакони имконияташон маҳдуд ба таҳсил пурра амалӣ намешавад. Сарфи назар аз он ки баъзе кӯдакон дар хона таълим дода мешаванд, сифати чунин таҳсилот бо сабаби вуҷуд надоштани барномаҳои махсуси таълимӣ хеле паст мебошад. Илова бар ин, кӯдаконе, ки ба таълимгоҳҳо рафта метавонанд, бинобар мутобиқ набудани биноҳо мушкилӣ мекашанд.

Кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуд бо сабаби кам будани мутахассисони дахлдор (дефектологҳо, сурдопедагогҳо, логопедҳо, сурдотарҷумонҳо) хеле мушкил мебошад.

Таҳлили мурочиатҳои аз ҷониби шахсони имконияташон маҳдуд ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воридшуда нишон медиҳад, ки онҳо асосан оид ба масъалаҳои беҳтар намудани шароити манзил, пардохти ҷуброни зарар ба саломатӣ аз натиҷаи осеби истеҳсолӣ, норозигӣ аз амали шахсони мансабдор ва иҷро нашудани ҳалномаи судӣ шикоят мекунанд.

Мурочиати шаҳрванди Федератсияи Россия З.В. оид ба мусоидат намудан дар пардохти ҷуброни зарари ба саломатӣ расонидашуда, ки тавассути Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони вилояти Калугаи Федератсияи Россия ворид гардидааст, ба ин мисол шуда метавонад. Мурочиати мазкур бо мактуб таҳти назорати Ваколатдор ба ҶСШК «Тоҷикнақбсоз» ирсол карда шуд. Айни замон, маблағҳои ҷуброни зарар, ки аз солҳои гузашта боқӣ монда буданд, пардохта шуда, ҶСШК «Тоҷикнақбсоз» ӯҳдадор шуд, ки ҷуброни мазкурро минбаъд сари вақт пардохт намояд.

Мурочиати шаҳрванд У.И. маъюби гурӯҳи 2, бошандаи Маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбони шаҳри Душанбе оид ба таъмин нашуданаш ба сатҳи кофии зиндагӣ ва таҳқир шуданаш аз тарафи бошандаи ҳамин муассиса дар ҷояш санҷида шуд. Дар натиҷаи санҷиш

ва сӯҳбат бо роҳбарият ва бошандагони муассисаи мазкур масъала ҳалли мусбии худро ёфт.

Мурочиати шаҳрвандон А.У. ва А.О. дар бораи баргашта рафтан ва маскун шудан ба хона-интернати пиронсолон ва маъюбони ноҳияи Ёвон бо мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба таври мусбӣ ҳал шуда, мурочиаткунандагон дубора дар муассисаи мазкур ҷойгир карда шуданд.

Мақомоти Ваколатдор ҷиҳати риояи ҳуқуқи шахсони имконияташон маҳдуд дар хона-интернатҳо ба хизматрасонии тиббӣ, тавонбахшӣ (реабилитация) ва шароити нигоҳубини онҳо аҳамияти махсус медиҳад. Ҳангоми боздиди чунин муассисаҳо шароити нигоҳубини бошандагон ва масъалаҳои дигар мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, аз натиҷаи боздид ба мақомоти давлатии дахлдор тавсияҳои зарурӣ пешниҳод мешаванд.

**Бо назардошти гуфтаҳои боло тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:**

**- зиёд кардани андозаи нафақаи маъюбон бо назардошти имкониятҳои буҷет;**

**- мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ қабул кардани меъёрҳои нави муайянкунии маъюбӣ ва хориҷ намудани меъёри «корношоямӣ» дар муайянкунии маъюбӣ;**

**- ташкил кардани муҳити бемонеа бо роҳи насб кардани воситаҳои зарурӣ барои ҳаракати шахсони имконияташон маҳдуд ва таъмини дастрасии онҳо ба инфрасохторҳои иҷтимоӣ;**

**- андешидани тадбирҳо оид ба баланд бардоштани маърифати аҳолӣ ҷиҳати бартараф намудани таҳқир ва табъиз нисбати шахсони имконияташон маҳдуд;**

**- идома додани татбиқи барномаи таълими инклюзивӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд;**

**- ташкили намудҳои зиёди корҳои хонагӣ барои шахсони имконияташон маҳдуд;**

**- дастгирӣ ва ҳавасманд кардани ҷамъиятҳои шахсони имконияташон маҳдуд;**

**- дастгирӣ кардани ташкилотҳое, ки шахсони имконияташон маҳдудро бо кор таъмин мекунанд;**

**- баланд бардоштани сатҳ ва сифати таҳсилоти шахсони имконияташон маҳдуд.**

## 2.8. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ

Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон мавқеи хоса доранд.

Конститутсияи Тоҷикистон вазифаи давлатро оид ба андешидани чораҳо барои ба ҳар кас таъмин намудани сатҳи зиндагии арзанда, ки саломатии ӯ ва аҳли хонаводаашро таъмин намояд, пешбинӣ намудааст. Моддаи 39 муқаррар кардааст, ки ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад.

Дар натиҷаи андешидани чораҳои мушаххас сатҳи камбизоатӣ аз 83,4%-и соли 1999 дар соли 2009 ба 46,7% паст карда шуд, ки дар натиҷа зиёда аз 1 млн. одамон аз доираи камбизоатӣ баровварда шуданд. Дар соли 2012 то 41,4% кам шудани сатҳи камбизоатӣ ба нақша гирифта шудааст.

Оиди ба танзим даровардани нафақаҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, иловапулиҳо ба нафақаҳо, кӯмакпулиҳо ва ҷубронпулиҳо як қатор қонунҳо, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ», «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» қабул карда шуданд. Бо мақсади рушд ва ислоҳоти низоми нафақавӣ 12 январи соли 2010 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» қабул карда шуд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 «Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» ҳамаи намудҳои нафақаҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ ба андозаи 25 фоизи нафақаи ҳадди ақал зиёд карда шуд.

Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 октябри соли 2011 584709 нафар нафақагирон ба ҳисоб гирифта шуданд. Аз ин шумора нафақагирони нафақаҳои меҳнатӣ 494145 нафар, нафақаҳои иҷтимоӣ 90518 нафар мебошанд. Нафақагирони нафақаҳои меҳнатӣ аз рӯи синну сол (пиронсолӣ) 342196 нафар, аз рӯи маъюбӣ 101943 нафар, бо сабаби маҳрум шудан аз саробон 42463 нафар, барои хизматҳои дарозмуддат 3319 нафарро ташкил медиҳанд. Нафақагирони нафақаҳои иҷтимоӣ 90518 нафарро ташкил мекунанд. Андозаи миёнаи нафақа 149,36 сомониро ташкил медиҳад.

Мурочиатҳои ба Ваколатдор воридшуда дар ин самт нишон медиҳанд, ки шаҳрвандон асосан оид ба андозаи ками нафақаи таъинкардашуда, мусоидат кардан барои гирифтани маълумотнома барои таъини нафақа ё барои расонидани машварати ҳуқуқӣ ва ғайра мурочиат намудаанд.

Масалан, шаҳрванд Б.Қ. оид ба норозӣ буданаш нисбати андозаи нафақаи ба ӯ таъиншуда мурочиат кардааст.

Таҳлили аризаи шаҳрванд И.Қ. нишон дод, ки ӯ баҳри ҳимояи сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалиётҳои гуногуни ҳарбӣ дар соли 1996 дар ноҳияи Тавилдара иштирок намуда, зарари ҷисмонӣ бардоштааст, аммо то ҳол аз имтиёзҳои пешбининамудаи Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.06.с.1993 № 312 «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии шахсоне, ки баҳри ҳимояи сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалиётҳои мусаллаҳона (низоъҳо) зарар дидаанд, инчунин аъзои оилаҳои шахсони мазкуре, ки парасторашонро аз даст додаанд» бархӯрдор нагаштааст. Қобили тазаккур аст, ки қарори мазкур нисбати шахсоне татбиқ мешавад, ки агар дар рӯйхати аз ҷониби Кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳо то давраи 1 сентябри соли 1993 тартиб додашуда ва то 20 сентябри соли 1993 бо Вазорати мудофиа, корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқашуда, дохил шуда бошанд ва аз Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодатнома гирифта бошанд. Аммо Қарори мазкур нисбати шаҳрвандоне, ки баъдан дар низоъҳои мусаллаҳона иштирок

намудаанд татбиқ намегардад ва чунин категорияи шахсон аз имтиёзҳои муқаррарнамудаи ин қарор бархӯрдор шуда наметавонанд.

Муроҷиати шаҳрванди Федератсияи Россия Р.А. оид ба дастрас намудани маълумотнома дар бораи тасдиқ намудани давраи меҳнатиаш дар шароити зарарноки кор барои аз нав ҳисоб намудани нафақааш ки тавассути Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони вилояти Смоленски Федератсияи Россия ворид гардида буд, бо мусоидати мақомоти Ваколатдор ҳалли мусбии худро ёфт.

**Дар ин самт мувофиқи мақсад аст, ки:**

**- вобаста ба имкониятҳои иқтисодӣ ва молиявии ҷумҳурӣ бо мақсади зиёд намудани андозаи нафақаҳо тадбирҳо андешида шуда, кӯмакҳои иҷтимоӣ барои кӯдакон зиёд карда шаванд;**

**- ба Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.06.с.1993 № 312 «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии шахсоне, ки бахри ҳимояи сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалиётҳои мусаллаҳона (низоъҳо) зарар дидаанд, инчунин аъзои оилаҳои шахсони мазкуре, ки парасторашонро аз даст додаанд» тағйироти дахлдор ворид карда шуда, имтиёзҳои пешбининамудаи Қарори мазкур нисбати шахсоне, ки баъди қарор дар амалиётҳои мусаллаҳона иштирок намудаанд, татбиқ карда шавад.**

## 2.9. Ҳуқуқ ба меҳнат

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳар касро ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ муқаррар намуда, дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудиятро манъ менамояд.

Ин ҳуқуқҳо, инчунин дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст (Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, санадҳои Ташкилоти байналхалқии меҳнат), ифода ёфтаанд.

Қобили қайд аст, ки дар баробари пешравиҳо дар ин самт ҳанӯз масъалаҳои ҳалталаб зиёданд. Дар баъзе мавридҳо корфармоён ҳангоми ба

расмият даровардани ҳуҷҷатҳои ба кор дохилшавии кормандон талаботи қонунгузории меҳнатро дағалона вайрон мекунанд.

Масалан, корфармоён дар баъзе мавридҳо шартномаи (қарордоди) меҳнатиро ба корманд намедиҳанд ва худи корманд ҳам онро талаб карда намегирад. Дар натиҷаи пайдо шудани баҳс корманд исбот карда наметавонад, ки дар дасти ӯ нусхаи аслӣ аст ё худ нусхаи дуюм. Шаҳрванд И.Ф., ки баҳси ӯ оид ба барқарор кардан ба кор то зинаи назоратии Суди Олии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, дар аризаи худ ба Ваколатдор иброз намудааст, ки нусхаи шартномаи меҳнатии ӯ бо ҶСК «ТК Мобайл» аз чор саҳифа иборат буда, дар саҳифаи сеюми он «мӯҳлати амали шартнома» сабт шудааст. Дар нусхаи шартномаи меҳнатие, ки ҶСК «ТК Мобайл» ба суд пешниҳод кардааст, мӯҳлат тағйир дода шудааст ва ба мӯҳлати нусхаи шартномаи меҳнатии ба шаҳрванд додашуда мутобиқат намекунад.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2011 таҳти №778 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ гардидани муқаррарот оиди дар шакли хаттӣ баста шудани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ иқдоми саривақтӣ ва мувофиқи мақсад буда, бисёр амалҳои ғайриқонунии корфармоёнро пешгирӣ менамояд.

Бо кор таъмин намудани шаҳрвандон, ташкили ҷойҳои нави корӣ, кам кардани бекорӣ дар амалӣ намудани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ аз бекорӣ аҳамияти махсус дорад.

Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 64079 нафар ҳамчун бекор ба қайд гирифта шуда, ба 44315 нафари онҳо расман мақоми бекорӣ дода шудааст. Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар соли 2011 дар маҷмӯъ 32406 нафар шаҳрвандон бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд. Бо назардошти ҳамаи сарчашмаҳо дар ҷумҳурӣ дар соли 2011 134513 ҷойҳои кории нав таъсис дода шудааст.

Дар 9 моҳи соли 2011 ба 6276 нафар барои бекорӣ ба маблағи 2245864 сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шудааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи

соли гузашта (3476 нафар ва 1669221 сомонӣ) мутаносибан 2800 нафар ва 576643 сомонӣ зиёд мебошад.

Масъалаи дигари ҳалталаб зиёд шудани сафи бекорон аз ҳисоби ҷавонон аст. Дар аксари мавридҳо корфармоён ба мутахассисони дорои таҷрибаи коридошта бартарият медиҳанд, ки ин амал то як андоза барои ба кор ҷалб намудани ҷавонон, бахусус мутахассисони ҷавон монеа эҷод мекунад.

Дар ин самт мувофиқи мақсад аст, ки ба қонунгузории амалкунанда квотаҳои ҷойҳои корӣ барои ба кор таъмин намудани ҷавонон ворид карда шавад. Ин иқдом имконият медиҳад, ки дар мақомоту ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ барои ҷавонон ҷойҳои корӣ таъсис дода шавад. Бояд чунин иқдом ҳамчун чораи ҳавасмандгардонии корфармоён ҷонибдорӣ карда шавад.

Дар шароити имрӯза пардохти саривақтии музди меҳнат аҳамияти махсус пайдо мекунад. Мутаассифона, ҳолатҳои саривақт напардохтани музди меҳнат ба чашм мерасанд.

Аз мурочиати Г.Қ. маълум гардид, ки бо ҳукми Суди ноҳияи Фархори вилояти Хатлон аз 21 январи соли 2009 гунаҳгории ӯ дар содир намудани ҷинояти напардохтани музди меҳнат бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ исботи худро ёфтааст.

Мурочиати шаҳрванд Ҷ.М.-истиқоматкунандаи ноҳияи Вахш оид ба мусоидат намудан барои пардохти ҷуброни зарари расонидашуда ба саломатиаш, ки дар натиҷаи хусусӣ намудани ташкилот аз соли 2004 ин ҷониб гирифта наметавонад, аз гуфтаҳои боло шаҳодат медиҳад.

Чӣ хеле, ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, халалдор шудани ҳуқуқи меҳнатии шаҳрвандон ҳангоми қабули занони ҳомиладор ва кӯдакони хурдсолдошта ба кор ба чашм мерасанд. Ҳамчунин, халалдоршавии ҳуқуқи шаҳрвандон дар эълонҳои ба коргирии интишорнамудаи корфармоён низ мушоҳида мешавад. Бахусус чунин халалдоркунии ҳуқуқҳоро дар эълонҳои ташкилотҳои бахши хусусӣ дидан мумкин аст, ки дар онҳо талабот нисбати ҷинс, синну сол, ҷойи истиқомат ва ғайра пешниҳод карда мешаванд. Масалан,

талаботи корфармоён оид ба пешниҳод намудани қайди ҷойи зисти шаҳрванд ҳангоми ба кор даромадан ва бо сабаби қайди ҷойи дигар доштан ба кор қабул накардан, табъиз ҳисобида мешавад, чунки ҳуқуқи шаҳрванд ба озодии рафту омад, интихоби ҷойи зист вайрон карда мешавад.

Боиси нигаронӣ аст, ки бо гузариш ба иқтисоди бозорӣ, таъсис дода шудани ташкилоту корхонаҳои шакли моликияташон гуногун дар ҷумҳурӣ низоми идораи ҳифзи меҳнат коҳиш ёфтааст ва ин масъала беҳбудиро тақозо менамояд.

**Барои беҳдошти вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар ин самт тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**- таъсиси бештари ҷойҳои нави корӣ;**

**- баланд бардоштани сатҳи назорат оид ба иҷрои талаботи қонунгузорӣ, хусусан дар бахши хусусӣ;**

**- беҳтар намудани низоми назорати ҳифзи меҳнат, бахусус дар бахши хусусӣ;**

**- таҳкими фаъолият ва масъулияти мақомоти давлатие, ки вазифаи назоратиро дар самти риояи қонунгузории меҳнат амалӣ менамоянд;**

**- андешидани чораҳо дар бораи ба кор таъмин намудани маъюбон ва ҷавонон, аз ҷумла ҷудо намудани ҷойҳои корӣ (квотаҳо) барои ҷавонон.**

## 2.10. Ҳуқуқҳои кӯдак ва ҳифз аз зӯроварӣ дар оила

Яке аз масъалаи ҳалталаби ҷомеа масъалаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон мебошад. Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон якчанд санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ қабул шудаанд. Аз ҷумла, Эъломияи ҳуқуқи кӯдак (20.11.1959), Конвенсия дар бораи мубориза бар зидди табъиз дар соҳаи таҳсил (14.12.1960), Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои шахсони рӯҳан қафомонда (20.12.1971), Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон (09.12.1975), Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (20.11.1989)).

Аз ҷониби Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010 Нақшаи миллии амал дар соҳаи ислоҳоти адлияи

ноболиғон барои солҳои 2010-2015 қабул карда шудааст, ки дар он чораҳо оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ миёни ноболиғон, адолати судии алтернативӣ, баланд бардоштани тахассуси кормандони мақомоти махсусгардонидашуда оид ба масъалаҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои байналмилалӣ, ислоҳоти муассисаҳои пӯшида барои ноболиғони ҳуқуқвайронкунанда ва ғайра пешбинӣ шудаанд.

Бо кӯмаки Иттиҳоди Аврупо дар давраи солҳои 2007-2010 8 Маркази будубоши рӯзона: 4 адад барои кӯдакони имконияташон маҳдуд; 4 адад барои калонсолон ва шахсони имконияташон маҳдуд таъсис дода шудааст ва айни ҳол фаъолият доранд.

Яке аз шаклҳои ғамхории давлат нисбати модар ва кӯдак ин кӯмакпулиҳои ҳомиладорию таваллуд ва нигоҳубини кӯдак мебошад. Андозаи ин кӯмакпулиҳо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» муқаррар шудааст.

Андозаи кӯмакпулиҳои зикргардида ба таври пурра эҳтиёҷоти зарурии модару кӯдакро таъмин карда наметавонанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тибқи Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2011-2015 мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро яке аз самтҳои фаъолияти афзалиятноки худ арзёбӣ намуд. Ба Ваколатдор оид ба гирифтани шаҳодатнома дар бораи таваллуди кӯдакон, муосидат барои баргардонидани кӯдак ба оила, барои ба фарзандхонӣ қабул намудан, ибрози хулоса нисбати муқаррар намудани васоят ба кӯдак ва оид ба нигоҳ доштани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ ба кӯдак, мусоидат барои ҷойгир кардани фарзандон дар мактаб ва ғайра муроҷиатҳо ворид шуданд.

Таҳлили муроҷиатҳои ба унвони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воридшуда нишон медиҳанд, ки кӯдакон бе дахолат, кӯмаки калонсолон ва умуман ҷамъият худро ҳифз карда наметавонанд.

Дар мақомоти Ваколатдор дар ин самт як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд. Аз ҷумла, дар натиҷаи ҳамкории байни Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони назди Днестри Ҷумҳурии Молдова ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбиятгирандагони Хонаи бачагони шаҳри Бендер, ки шаҳрвандони Тоҷикистон буда, бесаробон монда буданд, ба Тоҷикистон баргардонида шуданд.

Новобаста аз он, ки масъалаи ҳуқуқи кӯдак ҳамчун масъалаи умумибашарӣ эътироф шудааст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои байналмилалиро дар ин самт ба тасвиб расонидааст (аз ҷумла, Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (20.11.1989), Конвенсия ТБМ № 138 «Дар бораи синну соли ақали ба кор дохил шудан» (26.11.1993), Конвенсия ТБМ № 182 «Дар бораи манъ намудан ва чораҳои таъҷилии барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон» (08.06.2005) вазъи риояи ҳуқуқи кӯдакон боиси нигаронӣ мебошад.

Ҳуқуқҳои онҳо чи дар хона, чи дар мактаб ва чи дар кӯча вайрон карда мешавад. Ҳамаи ин ҳолатҳо аз он далолат медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ қонуни ягона, ки ҳуқуқу манфиатҳои кӯдаконро ҳимоя намояд, то ҳануз қабул карда нашудааст. Қонунҳо ва санадҳои соҳавии амалкунанда имконияти пурра намедиҳанд, ки риояи ҳуқуқи кӯдакон аз тарафи давлат ва ҷомеа таъмин карда шавад ва бо ин васила кӯдак на ҳамчун субъекти ҳуқуқ, ҳамчунин объекти муҳаббат ва ғамхорӣ қарор дода шавад.

Яке аз вазифаҳои давлат ин ҳифзи иҷтимоии кӯдаконе мебошад, ки аз муҳити оилавӣ бенасиб мондаанд ва ҷойгиркунии чунин кӯдакон барои нигоҳубин дар муассисаҳои дахлдор аст.

Тибқи маълумоти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар ҷумҳурӣ 76 мактаб-интернат амал намуда, дар онҳо 9237 нафар хонанда таҳсил менамоянд, ки аз ин шумора 317 нафар ятим, 2491 нафар бепадар, 498 нафар бемодар ва 3255 нафар аз оилаҳои камбизоат буда, 340 нафар дар маҳали зисташон мактаб надоранд. Боиси нигаронӣ аст, ки дар чунин муассисаҳо кӯдаконе низ маскунанд, ки падару модари онҳо дар ҳаётанд. Тақдири чунин

кӯдакон фоҷианок аст, чунки онҳо берун аз оила тарбия гирифта, аз ғамхориҳои оилавӣ маҳрум шудаанд.

Инчунин тақдири даҳшатноктар ба кӯдакони бегуноҳе насиб гаштааст, ки бо сабабҳои ба онҳо вобаста набуда гирифтори касалии ВИЧ/СПИД гаштаанд. Аз шумораи умумии гирифторони ин бемори, ки 6384 нафарро ташкил медиҳанд, 99 нафарашон кӯдакон мебошанд.

Бо назардошти таклифу дархости ҷомеа қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мувофиқи мақсад буда, тақозои замон ва дигаргун гаштани вазъи зиндагии оила ва ҷомеа мебошад. Тибқи қонуни мазкур падару модар дар як радиф бо муассисаҳои таълимӣ дар тарбияи фарзандон масъулият доранд.

Инчунин мувофиқи мақсад аст, ки институтҳои нав ба монанди хонаи кӯдаконаи шакли оилавӣ таъсис дода шуда, санадҳои дахлдор оид ба ин масъалаҳо қабул карда шаванд. Айни ҳол чӣ аз тарафи мақомоти қонунгузор ва чӣ аз тарафи ҷомеа зарурати ташкил ва вусъат додани ниҳоди «оилаҳои қабулкунанда» ба ҳукми қонун ворид нашудааст. Институти хонаҳои кӯдаконаи шакли оилавӣ ба кӯдаконе, ки аз оила маҳрум шудаанд, имконият медиҳад, ки тарбияро дар оила, дар шароити оилавӣ гирифта, ба ҳаёти воқеӣ бо осонӣ мутобиқ шаванд.

Бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак зарур аст, ки чораҳои самарабахш оид ба ҳифзи онҳо аз зӯроварӣ дар оила ва дигар намудҳои зӯроварӣ андешида шаванд. Ҳолатҳои истифодаи ҷазоҳои ҷисмонӣ нисбати кӯдакон дар хонаю мактабҳо ба чашм мерасанд. Баъзе кӯдакони ятим аз ҷумлаи духтарон ба зӯроварӣ, харидуфурӯш ва истисмори шаҳвонӣ гирифтор мешаванд. Зӯроварӣ нисбати кӯдакон ҷиноят ҳисобида шуда, ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи гуноҳ дониста мешавад.

Расму оини анъанавии оилавӣ ва одатҳои боқимондаи замони пештара боиси маҳдуд будан ва таҳти табъиз қарор гирифтани духтарон мегардад. Амалҳои ҷалб карда нашудани духтарон ба таҳсилоти умумӣ баъди хатми синфи 9 ҷой доранд, бахусус дар деҳаҳо, ки ин боиси издивоҷи бармаҳали

чунин духтарон мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби асосии издивоҷи бармаҳали духтарон дар сатҳи паст қарор доштани дараҷаи зиндагии чунин оилаҳо мебошад.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи январи соли 2006 ҷалби хонандагон ва донишҷӯён дар давраи хониш ба корҳои кишоварзӣ, аз ҷумла ҷамъоварии пахта манъ карда шуд. Натиҷаи мусбии солҳои охир дар ин самт аз ин аст, ки чунин ҳолати ногувор ба қайд гирифта нашудааст.

Дар маълумоти омории ТБМ оид ба вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон (1-15 июни соли 2011) омадааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи меҳнати ихтиёрии кӯдакон мушоҳида карда мешавад.

Мувофиқи ҳисоботи омории иҷрочиёни суд ҷиҳати иҷрои санадҳои судӣ дар соли 2011 оид ба ситонидани алимент 1351 истеҳсолоти иҷро оғоз гардида, иҷрои онҳо то ба синни балоғат расидани ноболиғон мунтазам таъмин карда мешавад. Аммо ба мисли пештара масъалаи пардохти алимент ба кӯдакон на ҳама вақт таъмин карда мешавад. Сабаби асосии ин ҳолат бемасъулиятии пардохткунандагони алимент ва фаъолияти начандон самарабахши судиҷрочиён мебошад. Барои мусоидат намудан барои пардохти саривақтии алимент зарур аст, ки нисбати шахсоне, ки аз пардохти алимент саркашӣ мекунанд, чораҳои дахлдори ҳаматарафа андешида шаванд.

Инчунин солҳои охир ҳолатҳои аз муҳоҷирати меҳнатӣ барнагаштани падарон мушоҳида мешавад, ки дар натиҷа кӯдакон бе таъминоти моддӣ мемонанд. Дар чунин мавридҳо мувофиқи мақсад аст, ки нисбати кӯдаконе, ки ҷойи будубоши падар ё модарашон маълум нест, аз ҷониби давлат, сохтори ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳли ҷомеа тадбирҳои дахлдор андешида шаванд.

Дар самти бақайдгирии таваллуди кӯдакон мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки маҳз бо сабаби бемасъулиятии падару модарон таваллуди бархе аз кӯдакон саривақт аз қайди давлатӣ гузаронида намешавад. Дар натиҷа чунин кӯдакон таҳти назар ва дастгирии институтҳои иҷтимоӣ қарор надоранд. Дар сохтори нуфузи аҳолӣ кӯдакони то синни 14 сола қисми асосии аҳолиро (на кам аз 35%) ташкил мекунанд. Аслан таваллуди кӯдакон дар оилаҳое саривақт ба қайд

гирифта намешаванд, ки акди никоҳ ба тариқи муқаррракардаи қонунгузорӣ ба қайд гирифта нашудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кӯдак ва ҳифзу ҳуқуқу манфиатҳои он мақомоти алоҳидае таъсис дода нашудааст. Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти доимии байниидоравии машваратдиҳанда буда, ба масъалаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоту идораҳо ва ташкилотҳо оид ба масъалаҳои вобаста ба татбиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин риояи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ нисбати Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ва дигар санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак масъул мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли пештара системаи алоҳидаи адолати судӣ барои ноболиғон ва механизми пешгирии ҷинояткории ноболиғон ва аз адолати судии расмӣ (маъмул) ҷудо кардани кӯдакон вуҷуд надорад. Ҷорӣ намудани он барои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва тавонбахшии кӯдаконе, ки қонунро вайрон намудаанд, заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Барои таҳкими ҳифзи ҳуқуқи кӯдак тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**- таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи кӯдак»;**

**- рушд ва вусъат додани институти васоят, хонаҳои кӯдаконаи шакли оилавӣ ва дигар намудҳои нигоҳубини алтернативӣ дар шароити ба оила наздик;**

**- баланд бардоштани сатҳи иттилоотии падару модарон дар бораи ҳуқуқи фарзандон;**

**- вусъат бахшидан ба корҳои фаҳмондадиҳӣ ба падару модари дар ҳаёт будаи кӯдаконе, ки дар муассисаҳои гуногуни интернатӣ маскун карда шудаанд;**

**- ҷорӣ намудани судяҳои алоҳида оид ба амалӣ кардани адолати судӣ барои ноболиғон;**

**- вобаста ба имкониятҳои молиявӣ зиёд намудани андозаи кӯмакпулиҳои ҳомиладорию таваллуд ва нигоҳубини кӯдак.**

## 2.11. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо

Муҳоҷирати меҳнатӣ як қисми таркибии раванди умумиҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ин раванд ворид гардида, айни замон яке аз интиқолдиҳандаи бузурги захираҳои меҳнатӣ дар фазои давлатҳои ИДМ ба шумор меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 ноябри соли 2001 Конвенсияи байналхалқӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи меҳнаткашони муҳоҷир ва аъзои оилаҳои онҳоро ба тасвиб расонид.

Дар ҷумҳурӣ оид ба танзим ва ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» (11.12.с.1999), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пурзӯр намудани мубориза ба муқобили муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (02.04.2001).

Мақсад ва вазифаҳои Стратегияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2011-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.10.2011, таҳти №460 тасдиқ карда шудааст, ин таъсис додани низоми ташаккулёфтаи ҷалб намудан ва фиристодани муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа, ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо, таъсис додани бозори нави меҳнатӣ барои ба кори арзанда таъмин намудан дар давлати қабулкунанда мебошад.

Қадами дигари муҳим дар ин самт ба имзо расидани Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Белорус аз 28.10.с.2011 «Оид ба фаъолияти муваққатии меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Белорус ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Белорус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷа» айни ҳол дар баррасӣ қарор дорад.

Бо назардошти зарурати муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар, пойдор намудани муносибатҳои дӯстона ва ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо ва саҳми назарраси маблағгузории муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳалли мушкилоти

ҳалталаби муҳоҷирони меҳнатӣ 21 январи соли 2011 Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Тибқи маълумотҳои Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 750391 нафар (соли 2010 - 494765 нафар) муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи кишвар рафтанд, ки аз ин шумора 80012 нафарро занҳо ташкил мекунанд.

Таҳлили вазъи муҳоҷирати меҳнатӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба вазъи иқтисодӣ қисме аз шаҳрвандон ба мушкилиҳои муҳоҷират ва мусофират нигоҳ накарда, ба муддати муайян манзил, падару модар, оила ва фарзандони худро тарк намуда, ба хориҷи кишвар барои кор сафар мекунанд, ки ин раванд ба меъёри зиндагии мардум табдил ёфтааст.

Омили асосие, ки муҳоҷирони меҳнатиро берун аз кишвар нигоҳ медорад, ин дар сатҳи баландтар қарор гирифтани сатҳи зиндагӣ дар хориҷи кишвар ва аз тарафи шаҳрвандони онҳо иҷро накардани корҳои каммузд ва дархостнашаванда мебошад.

Мутаасифона, ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатии расмӣ ва муҳоҷирони меҳнатии ғайрирасмӣ аз тарафи корфармоён ва мақомотҳои дахлдори давлатҳои қабулкунанда вайрон карда мешаванд. Шартномаҳои меҳнатӣ бо муҳоҷирони меҳнатӣ дар бисёр мавридҳо баста намешаванд, ки ин ҳолат ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Қайд намудан зарур аст, ки вобаста ба зиёд шудани сафи муҳоҷирони меҳнатӣ зарурати таъмини ҳифз ва ҳавасмандгардонии ҳуқуқу манфиатҳои онҳо дар давлати қабулкунанда зиёд мегардад. Айни замон дар ҷомеаи Тоҷикистон масъалаи таҳдид ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа, бахусус дар Россия ташвишовар аст. Масъалаи доғи рӯз дар ин самт қатли муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад.

Масъалаи вайронкунии ҳуқуқи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои ҳамсоя ҳангоми ҳаракат бо қатораҳо ва гузаштани сарҳадҳои давлатӣ омӯзишро талаб менамояд.

Вайронкунии ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар хусусияти мунтазам дошта, онҳо аксаран қурбони миёнаравҳо ва корфармоёни бевиҷдон мегарданд. Ҳолатҳои кам пардохтани ҳаққи меҳнат ё умуман напардохтани он тез - тез ба вуқӯъ меояд.

Маҳкум шудани А.Р. - директори ҶДММ «Рустам», ки бо роҳи қаллобӣ 36 нафар шаҳрванди ҷумҳуриро ба ФР фиристода, онҳоро ба меҳнати маҷбурӣ (ғуломӣ) ҷалб намудааст, маҳкум шудани директори генералии ҶДММ «Поти АС» Х.М. ва писари ӯ Х.Г. - директори филиали ҶДММ «Поти АС» барои ҷалб намудан ба меҳнати ғуломӣ, напардохтани музди меҳнат ба шаҳрвандон ё нисбати М.С. - директори ҶДММ «Восток Фарм» оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ барои фиристонидани зиёда аз 100 нафар шаҳрвандон ба ҳудуди ФР ва мавриди хариду фурӯш қарор додани онҳо ба дигар шахсон, ҷалб намудани онҳо ба меҳнати ғуломона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо далели ин ҳолатҳо мебошанд.

Мушкилоти дигари мубрам дар ин самт ин ғайриқонунӣ гирифтани шиноснома ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳоҷирон аз тарафи корфармоён ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи дигар давлатҳо боқӣ мондааст, ки ин амал ҳуқуқи муҳоҷиронро дағалона вайрон карда, онҳоро ба сифати шахсони «муҳоҷири ғайрирасмӣ» табдил медиҳад. Масалан, чӣ хеле, ки аз дархости Ташкилоти ҷамъиятии «Марказ оид ба ҳуқуқҳои инсон» ба номи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бармеояд, сокини ноҳияи Б. Ғафуров А.М. бо ваъдаи миёнарав Ю.З. бовар карда, барои кор ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсияи Россия сафар мекунад. Вақти расидан ба ҷойи таъиншуда миёнарав аз ӯ ва дигар рафиқонаш шиноснома ва кортҳои муҳоҷиратиашонро мегирад. Баъди он, ки фаъолияти меҳнатии онҳо оғоз мегардад, мефаҳманд, ки онҳоро фиреб додаанд, чунки шароити кор нисбат ба он шарту шароите, ки ваъда дода буданд, хеле вазнин буда, вақти корӣ дароз, музди меҳнаташон кам аст.

Вобаста ба ин А.М. ва дигарон мехоҳанд, ки ҳуҷҷатҳояшро гирифта барои кор ба дигар ҷой раванд, аммо корфармо ва миёнарав ба онҳо шарт мегузорад, ки дар сурате ҳуҷҷатҳояшон баргардонида мешаванд, агар ҳар як нафар 20

ҳазор рубл супорад ё дар муддати се моҳ ройгон кор кунанд. Аз дархости дигари Ташкилоти ҷамъиятии «Марказ оид ба ҳуқуқҳои инсон» ба номи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бармеояд, ки муҳоҷирони меҳнатии тоҷик, аз ҷумла Ш.И. зиёда аз 11 моҳ дар Муассисаи махсуси нигоҳдории шаҳрвандони хориҷӣ дар шаҳри Шахтаи вилояти Ростови Федератсияи Россия дар шароити тоқатнопазир ва ғайриинсонӣ нигоҳ дошта шуда, истисмор карда мешавад. Нисбати ин ҳолатҳо чораҳои дахлдор андешида шуданд.

Яке аз сабабҳои асосии поймол шудани ҳуқуқҳои муҳоҷирон ба он вобаста аст, ки онҳо дар бораи қоидаҳои рафтан ба давлати дигар, буду бош дар он давлатҳо иттилооти дахлдор надоранд. Сатҳи пасти донишҳои ҳуқуқӣ ва надоштани иттилооти зарурӣ дар ин самт боиси паҳн гаштани ҳолатҳои тамаъҷӯии кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва дигар унсурҳои ҷинояткори давлати дигар мегардад.

Ҷиҳати манфии муҳоҷиратро қайд намуда, бояд ёдовар шуд, ки шахсони дорои қобилияти фаъоли меҳнатӣ аз ҷумҳурӣ баромада мераванд, ки дар натиҷа дар соҳаҳои муҳими хоҷагии халқ мутахассисон намерасанд.

Дар баъзе мавридҳо муҳоҷирони меҳнатӣ занону кӯдакони худро ба ҳоли худ гузошта, дар хориҷа оилаҳои нав барпо мекунанд, ки дар натиҷа ин оилаҳо ба табақаи осебпазир табдил меёбанд.

Тибқи Гузориш - Ҳисоботи Хазинаи кӯдакони СММ дар Тоҷикистон оид ба натиҷаи таъсири манфии муҳоҷирати меҳнатӣ ба кӯдакони дар Тоҷикистон мондаи муҳоҷирон, ки бо ёрии бевоситаи намояндагии дафтари Хазинаи кӯдакони СММ дар Тоҷикистон ва Маркази таҳқиқотии «Шарқ» дар давраи аз моҳи июни соли 2010 то моҳи марти соли 2011 гузаронида шуда буд ва чор минтақаи Тоҷикистон: ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, шаҳри Кӯлоб, ноҳияи Шуғнон ва шаҳри Ваҳдатро дар бар мегирифт, новобаста аз он, ки хонаводаҳои муҳоҷирон таъсири умумии муҳоҷиратро мусбӣ баён кардаанд, 33% онро манфӣ шуморида, 30% нисбати он бетарафӣ изҳор намуданд. Тақрибан 48% хонаводаҳои ғайримуҳоҷир таъсири муҳоҷиратро барои оилаҳо манфӣ ифроз доштанд. Новобаста аз он, ки муҳоҷират таъсири мусбӣ дорад, коршиносон

қайд намуданд, ки муҳоҷират ба кӯдакони дар мамлакат мондаи муҳоҷирон таъсири манфӣ расонидааст. Чунин кӯдакон «фаромӯшшуда» лақабгузорӣ шуда, бо сабаби набудани «муҳофизатгарашон» дар симои падар боиси таҳқир мегарданд.

Дар солҳои охир Ташкилоти байналхалқии муҳоҷират (ТБМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани халли масъалаҳои муҳоҷират дар байни сохторҳои дахлдори давлатӣ ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардид. Бо мақсади амаликунии лоиҳаи ин Ташкилот барои расонидани хизматрасониҳои гуногун дар шаҳри Душанбе ва 6 манотиқи ҷумҳурӣ Марказҳои мусоидат ба муҳоҷирон фаъолият дорад. Дар баробари ин, ташкилоти мазкур қайд менамояд, ки зарурати тақвияти донишу малакаи намояндагони сохторҳои давлатии бо муҳоҷират коркунанда боқӣ мемонад.

Натиҷаи Мизи мудаввари санаи 20.12.с.2011 гузаронидашуда бо иштироки мақомотҳои давлатӣ ва ширкатҳои дахлдор оид ба масъалаи муайян намудани механизми пешниҳоди иттилоот аз сохторҳои дахлдори давлатии Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки қарор дар бораи берун кардан қабул карда шудааст ё воридшавӣ ба ҳудуди Федератсияи Россия манъ карда шудааст, нишон дод, ки берун кардани шаҳрвандони Тоҷикистон аз қаламрави Федератсияи Россия бо вуҷуди тамоюли камшавӣ доштан, масъалаи ҷиддӣ буда, Ташкилоти Байналхалқии Муҳоҷират ва Ҳукумати Тоҷикистонро бетараф гузошта наметавонад. Дар соли 2011 3377 (соли 2010 – 4062 нафар) нафар муҳоҷирон аз марзи давлатҳои қабулкунанда берун карда шуданд, ки назар ба соли гузашта 685 нафар кам аст.

Муроҷиати шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар бояд ба таври фаврӣ ва дар ҷояш ҳаллу фасл карда шаванд. Тибқи салоҳияти худ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони Тоҷикистон мусоидат менамояд. Ваколатдор вазифаи худро дар ин самт аз кам намудан ва барҳам додани муҳоҷирони меҳнатии ғайрирасмӣ медонад. Қобили қайд аст, ки дар бисёр субектҳои ФР Институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолият менамоянд, ки шаҳрвандони мо метавонанд барои ҳифзи

ҳуқуқи худ ба онҳо мурочиат намоянд. Бо мақсади мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатии мо дар хориҷи кишвар Ваколатдор дар соли 2011 бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони ФР, вилояти Свердлови ФР дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон Созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонид. Дар соли 2012 ба имзо расонидани чунин созишномаҳо бо Ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсони дигар субектони ФР ва Ҷумҳурии Қазоқистон ба нақша гирифта шудааст.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- ба роҳ мондани механизми баҳисобгирӣ ва батанзимдарории давлатии муҳоҷират ва мониторинги Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа;

- дастгирӣ ва ҳавасманд намудани фаъолияти соҳибкорон оид ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ дар мамлакат;

- баланд бардоштани сатҳи фаъолияти мақомотҳои марказӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулии ҷумҳурӣ ва намояндагиҳои Хадамоти муҳоҷират оид ба таъмин намудани имконияти истифодаи ҳуқуқу озодиҳо аз тарафи шаҳрвандон дар хориҷи кишвар, ҳифзу ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар;

- баланд бардоштани сатҳи фаъолияти мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба омӯхтани вазъи муҳоҷирати меҳнатӣ дар маҳалҳо ва пешниҳод намудани маслиҳатҳои муфид ба қисми аҳолие, ки муҳоҷиратро пеша карданӣ ҳастанд;

- тақвият додани ҳамкориҳо бо мақомотҳои дахлдори давлатҳои дигар бо мақсади ба роҳ мондани будубоши расмии муҳоҷирони меҳнатӣ;

- рушди ба кор таъминкунии муташаккилонаи муҳоҷирони меҳнатӣ;

- ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд байни диаспораҳои тоҷикон дар дигар кишварҳо бо мақсади дастгирӣ намудани муҳоҷирони меҳнатӣ;

- ба низом даровардани омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ;

**- зери назорати қатъӣ қарор додани фаъолияти субъектони хоҷагидор, ки барои сафарбар намудани муҳоҷирони меҳнатии берун аз кишвар машғуланд;**

**- таҳия ва ба имзо расонидани Созишномаҳои ҳамкорӣ бо Ваколатдорони субектҳои Федератсияи Россия ва дигар давлатҳо.**

## 2.12. Ҳуқуқ ба таҳсил

Таъмини ҳуқуқ ба таҳсил яке аз омилҳои муҳими пешравии ҷамъият аст. Афзалияти ин ҳуқуқ дар он аст, ки надоштани таҳсилот имкониятҳои истифода бурдани дигар ҳуқуқҳои инсонро маҳдуд месозад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 41) ҳуқуқи ҳар шахсро ба таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ройгон муқаррар намудааст. Дар он омадааст, ки таълими умумии асосӣ ҳатмист. Чунин муқаррароти ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ тибқи конститутсия аҳамияти махсус дорад, яъне ҳар кас дар қатори ҳуқуқ доштан, ӯҳдадор аст, ки таълими умумии асосӣ гирад. Аз ин лиҳоз, падару модароне, ки садди роҳи гирифтани таълими умумии асосии фарзандонашон мегарданд, кирдори зиддиконстиутсионӣ содир мекунанд.

Муносибатҳои асосии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим даровварда шудаанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба барҳам додани ҳолатҳои беназоратии кӯдакон, паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон нигаронида шудааст.

Ҳуқуқ ба таҳсил тавассути шаклҳои зерин: таълиму тарбияи томактабӣ, умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ, касбии баъд аз муассисаи олии касбӣ ва таҳсилоти махсус барои шахсони имкониятҳои маҳдуд, гирифтори иллати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ аз тарафи давлат кафолат дода мешавад.

Ҷойи асосиро дар низоми таълим тарбия таҳсилоти умумӣ ишғол менамояд, ки тариқи мактабҳои ибтидоӣ, умумии асосӣ, умумии миёна, гимназияҳо ва литсейҳо ба амал баровarда мешавад.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ 488 муассисаи томактабӣ фаъолият намуда, дар онҳо 62601 нафар кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст. Солҳои охир ҳолатҳои ба муассисаҳои тарбияи томактабӣ нарафтани кӯдакон дар деҳот ҷой доранд, ки боиси қатъ шудани фаъолияти чунин муассисаҳо мегардад, ки ин ба сатҳи азхудкунии барномаҳои таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 барои 23 ҳазору 913 талаба мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба истифода дода шуданд.

Дар соли 2011 шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна 1 694 696 нафарро ташкил доданд, ки аз ин 796 182 нафар духтарон мебошанд. Шумораи духтароне, ки дар синфи 10 таҳсилро идома медиҳанд, 47190 нафар ё 42%-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2010 5086 нафар зиёд аст. Ҳамзамон, дар соли 2011 шумораи умумии аз таҳсил дурмондагон аз ҳисоби духтарон 855 нафарро ташкил дод.

Шумораи мактабҳои олӣ солҳои охир тамоюли зиёдшавӣ доранд. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (13 донишгоҳ, 12 донишкада, 4 муассисаи таҳсилоти олии касбии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, 1 консерватория) мавҷуд аст, ки дар онҳо 151207 нафар донишҷӯ (43118 нафар духтар) ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Бо мақсади таъмини баробарии марду зан, имконияти гирифтани таҳсилоти олӣ барои духтарони ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ҳар сол квотаи Президентӣ ҷудо карда мешавад. Тибқи квотаи зикргардида дар соли таҳсили 2010-2011 дар ҷумҳурӣ 1138 нафар духтарон аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ қабул гардиданд.

Ба халалдоршавии ҳуқуқ ба таҳсил боло рафтани нархи китобҳову дигар маводҳои хониш, паст рафтани сатҳ ва сифати таҳсилот, имконияти маҳдуди

молиявии падару модарон барои ба таҳсил фаро гирифтани фарзандон ва ғайра мусоидат менамоянд.

То ҳол сатҳи маърифат, дониш ва тахассуси омӯзгорон, ба хусус дар деҳот нисбатан паст мебошад. Бо сабабҳои маълум дар бисёр мавридҳо омӯзгорон аз касби худ дур шуда, ба дигар корҳо машғул мешаванд ё ба сафи муҳоҷирон дохил мешаванд. Дар баъзе минтақаҳо ба ҷойи онҳо мутахассисони ҷавон ё умуман шахсони таҳсилоти дахлдор надошта кору фаъолият менамоянд, ки ин ҳолат ба сатҳи саводнокии хонандагон таъсири манфӣ мерасонад.

Солҳои охир норозигии донишҷуён ва падару модарон аз баландшавии нархи таҳсил дар бахши шартномавии муассисаҳои олӣ афзудааст. Чӣ хеле, ки таҳлили аризаи шаҳрванд С.У.- донишҷӯи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон нишон медиҳад, Донишгоҳи мазкур нархи таҳсилро дар факултаи ҳуқуқшиносӣ бе асоси кофӣ сол ба сол зиёд намудааст. Аризаи мазкур бо дархости Ваколатдор барои мусоидат намудан ва якҷоя баррасӣ намудан бо парвандаи гражданӣ ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуд. Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъаларо ба фоидаи донишҷӯ ҳал намуда, шикояти назоратии Донишгоҳро рад кард.

Ҷиҳати танзими ҳамин масъала Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ»-ро пешниҳод намуд, ки тибқи он андозаи пардохти маблағҳои ҳаққи шартномавии таҳсил дар муассисаҳои миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии касбӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад ва пешниҳоди мазкур боиси дастгирӣ мебошад.

**Дар ин самт тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**- қабул ва амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ» оид ба муқаррар намудани нархи таҳсил аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти сатҳи зиндагии аҳолӣ;**

**- дастгирии ҳамаҷонибаи сохтмон ва ба истифода додани муассисаҳои таълимӣ дар ҷойҳои дурдасти ҷумҳурӣ;**

**- андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати ҳавасманд гардонидани омӯзгорон.**

## 2.13. Ҳуқуқ ба моликият ва манзил

Тибқи моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба моликият ба ҳар шаҳрванд тибқи қонун кафолат дода шуда, молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад. Баҳодиҳии арзиши молу мулк тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо нархи бозорӣ гузаронида мешавад.

Дар моддаи 17 Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон қайд мешавад, ки «Ҳар як инсон ҳақ дорад амволро чӣ шахсан ва чӣ якҷоя бо дигарон ихтиёрдорӣ намояд. Ҳеҷ кас набояд аз амволи худ худсарона маҳрум карда шавад».

Қобили қайд аст, ки аксарияти муроҷиати шифоҳӣ ва хаттии шаҳрвандонро ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон муроҷиатҳо оид ба вайронкунии эҳтимолии ҳуқуқ ба моликият ва манзил ташкил мекунанд. Хусусияти хоси ин муроҷиатҳо аз он иборат аст, ки дар онҳо вайронкунии эҳтимолии якчанд ҳуқуқҳо ба мушоҳида мерасанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир ҳолатҳои норозигии истиқоматкунандагони хонаҳои истиқоматии бисёрошёна аз амали шахсони алоҳида оид ба сохта шудани ҳар гуна объектҳо, хаймаю дуконҳо ё иҳота карда гирифтани ҳудуди чунин биноҳо бо мақсади истифодабарии шахсӣ, ки истифодаи умумии ин қитъаҳои заминро халалдор менамояд, ба чашм мерасанд.

Ҳуқуқ ба манзил маънои онро дорад, ки ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад манзил дошта бошад ва озод онро ихтиёрдорӣ намояд, инчунин имконияти воқеии ба даст овардани онро дошта бошад. Давлат ба худ ӯҳдадорӣ гирифтааст, ки аз ҳисоби фондҳои давлатӣ ва дигар фондҳо шаҳрвандони камбизоат ва дигар категорияи шахсони дар қонун пешбинишударо ба манзил таъмин намояд. Нисбати дигар шаҳрвандон давлат ӯҳдадор аст, ки имконияти

воқеии амалӣ намудани ҳуқуқ ба манзилро бо роҳи ҳавасманд намудани сохтмони манзили хусусӣ муҳайё намояд. Айни замон барои ҳар як шаҳрванд миқдори хонаҳои истиқоматӣ маҳдуд карда намешавад, аммо талабот оид ба меъёрҳои санитарию гигиенӣ, зидди сӯхтор ва беҳдошти экологӣ, архитектураи шаҳрсозӣ мутобиқат намудани он вуҷуд дорад.

Дар соли 2011 тибқи маълумоти Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ дар масоҳати умумии 826 891 метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ сохта, ба истифода дода шуданд.

Бо мақсади ба роҳ мондани тақсимоти одилона ва шаффофи заминҳои наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ майдони 24622 гектар, аз ҷумла дар вилояти Суғд 9621 гектар, дар вилояти Хатлон 8385 гектар, дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 167 гектар ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 6449 гектар барои эҳтиёҷмандон замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда шуда, ба ҳолати 20 декабри соли 2011 дар вилояти Суғд майдони 4960 гектар, дар вилояти Хатлон 4749 гектар ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1161 гектар аз ҷониби комиссияҳои ҷамъиятӣ тақсим карда шудааст.

Масъалаи манзил дар шароити имрӯзаи сиёсати иҷтимоии давлат масъалаи мураккаб боқӣ мемонад. Аксарияти аҳолии кишвар имконияти ба даст овардан ва сохтани манзилро надоранд.

Таҳлили қонунгузорӣ дар ин самт нишон медиҳад, ки қонунгузорӣ дар бораи манзил айни ҳол ба талаботи иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯй нест. Бо назардошти ин ҳолат бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2009 гурӯҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва парламенти кишвар оид ба омода намудани лоиҳаи Кодекси нави манзил таъсис дода шуда аст. Айни ҳол лоиҳаи мазкур ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ пешниҳод шудааст.

Масъалаи асосие, ки солҳои охир ҷомеаро ба ташвиш овардааст, ин кӯчонидани маҷбурии аҳолӣ, яъне кӯчонидан новобаста аз хоҳиш ва иродаи соҳиби манзил мебошад.

Тадқиқоти аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» дар давраи аз моҳи декабри соли 2010 то моҳи апрели соли 2011 дар доираи «Лоиҳаи пешбарии манфиатҳои шахсоне, ки бинобар сохтмони НБО-и Роғун кӯчонида мешаванд» нишон дод, ки тақрибан 17 ҳазор гектар замин дар болооби обанбор зери об мемонад ва 7167 оила бо шумораи зиёда аз 30 ҳазор одамон - сокинони маҳалҳои шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод кӯчонида мешаванд.

Қонунгузорӣ муқаррар намудааст, ки ҳангоми кӯчонидани маҷбурӣ ё гирифтани манзил барои эҳтиёҷоти ҷамъият, арзиши он ба пуррагӣ пардохта мешавад.

Мутаассифона, баъзе мақомоту ташкилотҳо, шахсони мансабдор нафақат барои амалӣ намудани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба манзил мусоидат менамоянд, балки ба шахсоне, ки дар фондҳои манзили гуногун айни ҳол истиқомат менамоянд, бо ҳар баҳонаи ночизе монеа эҷод менамоянд.

Таҳлили мурочиати шаҳрванд А.Р. сокини ноҳияи Бобоҷон Ғафуров нишон дод, ки ӯ нисбати халалдоршавии ҳуқуқҳояш ба манзил аз тарафи роҳбарияти ҶСШК ба номи А. Ҷумаев арз намудааст. Аз мурочиат бармеояд, ки ӯ аз соли 1987 дар хоҷагии мазкур кору фаъолият менамояд ва соли 2000 ба вай манзили истиқоматии хизматӣ ҷудо карда шудааст, ки бо ҳамроҳии ду кӯдаки ноболиғаш истиқомат дорад. Бо сабаби вазъи саломатиаш ҳамчун маъюби гурӯҳи II соли 2004 корро қатъ намудааст. Аз соли 2009 инҷониб роҳбарияти корхонаи мазкур талаб дорад, ки ё ба кори саҳроӣ бароед ё хонаро холӣ намояд. Айни ҳол корхонаи мазкур ба суд оид ба маҷбуран баровардан аз хонаи истиқоматӣ бидуни додани дигар хонаи истиқоматӣ бо аризаи даъвогӣ мурочиат намудааст. Талаби роҳбарияти ҶСШК ба номи А. Ҷумаев оид ба кӯчонидани А.Р. ва аъзои оилаи ӯ аз хонаи истиқоматии хизматӣ бе пешниҳод

намудани дигар хонаи истиқоматӣ вайронкунии қонунгузории гражданӣ ва манзилӣ мебошад, ки боиси вайронкунии ҳуқуқи шаҳрванд мегардад.

Тибқи қисми якуми моддаи 83 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ашхосе, ки дар корхонаю ташкилот ё муассисаи ба онҳо хонаи истиқоматии хизматӣ муҳайёкарда 10 сол зиёд кор кардаанд, маъюбони гурӯҳи I-II, маъюбони гурӯҳи I -II аз ҷумлаи хизматчиёни ҳарбӣ ва ашхоси ба онҳо баробаркардашуда ва ашхоси яккаву танҳо, ки ҳамроҳашон кӯдакони ноболиғ зиндагӣ мекунанд, бидуни додани хонаи истиқоматии дигар набояд аз хонаи истиқоматии хизматӣ бароварда шаванд.

Натиҷаи баррасии аризаи шаҳрванд Н.Р., истиқоматкунандаи ноҳияи Қумсангир нишон дод, ки баҳси манзилии ӯ бо даъвояш оид ба беэътибор донистани протоколи натиҷаҳои музоядаи фурӯши моликият, шартномаи хариду фурӯши объекти хусусигардонидашуда, санади қабули объекти хусусигардонидашуда 10 майи соли 2011 аз ҷониби Суди ноҳияи Қумсангир мавриди баррасӣ қарор дода шуд ва аризаи ӯ рад карда шудааст. Ҳалномаи мазкур бо қарори марҳилаи кассатсионии Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди вилояти Хатлон аз 26 июли соли 2011 бетағйир монда шудааст.

Дар рафти сӯҳбат бо раиси Кумитаи амволи ноҳияи Қумсангир маълум шуд, ки хонаи баҳсӣ аз тарафи Кумитаи амволи вилояти Хатлон ба музояда гузошта шуда, ба номи Ш.Ф. шахсӣ кунонида шудааст. Аз ҷавоби мактуби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.10.2011 бармеояд, ки фурӯши амволи давлатӣ аз ҷониби Бахши Хатлонии Корхонаи воҳиди давлатии ташкили фурӯши амволи давлатӣ бе риояи талаботи қонунгузорӣ дар музоядаи баргузоргардида амалӣ карда шудааст.

Солҳои охир бе иҷозати дахлдор ҳолатҳои азнавсозӣ ва дигар кардани тарҳи хонаҳои истиқоматӣ, истифодаи бино ва хонаҳои истиқоматӣ ба мақсади ғайриистиқоматӣ (ташкил намудани мағозаҳо, коргоҳҳо ва дигар объектҳои

хизматрасонӣ) ба манфиати шахсӣ ба назар мерасанд, ки боиси норозигии атрофиён гардида, ҳуқуқҳои онҳоро маҳдуд менамояд.

Вазъи зиндагонии шахсоне, ки дар хобгоҳҳои умумӣ сукунат доранд, нигароникунанда аст. Истиқоматкунандагони баъзе аз ин биноҳо бо шароити оддии зарурӣ таъмин нестанд. Аксарияти хобгоҳҳои умумии идоравӣ ба идоракунии мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронида нашуданд. Чунин хобгоҳҳо аз тарафи шахсони алоҳида харида шуда, дар натиҷаи амалҳои хусусигардонии хобгоҳҳои умумии ба корхонаҳо ва муассисаҳо тааллуқдошта истиқоматкунандагони ин хобгоҳҳо бе назардошти талаботи қонунгузорӣ кӯчонида шуданд.

Мушкилоти дигар дар ин самт масъалаи ҷойи истиқомати занон баъди қатъ гардидани муносибатҳои зану шавҳарии онҳо мебошад. Занҳо дар чунин мавридҳо танҳо дар сурати аз ҷониби суд ҳамчун аъзои оилаи молик эътироф шуданашон, ҳуқуқ доранд ба хонаи истиқоматии молик маскун карда шуда, аз он истифода намоянд. Дар амал бошад, маскун намудани зан ба хонаи собиқ шавҳараш ба ӯ мушкилиҳои зиёд эҷод намуда, зан ба муносибати душманонаи собиқ шавҳар, волидайн ва наздикони ӯ дучор мешавад. Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чунин маскункунии маҷбурӣ натиҷаи давомнок надорад, чунки дар аксар ҳолатҳо бештари занҳо оқибат аз хонаи маскуншудаашон мераванд ва мушкилоти онҳо ҳалношуда мемонад.

**Дар самти ҳуқуқ ба моликият ва манзил тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:**

**- ба иттиллои ҷомеа расонидани ҳолатҳои кӯчонидани оммавии шаҳрвандон аз хонаҳои истиқоматӣ;**

**- пешгирӣ намудани ҳолатҳои хусусигардонии хобгоҳҳои умумии идоравӣ ва гузаронидани онҳо ба фонди манзили коммуналии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва таъмини ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба манзил тавассути сохта ва ба истифода додани хона ва хобгоҳҳои умумии иҷтимоии дастраси шаҳрвандон;**

**- таҳия ва қабули Барномаи манзил ва дар он пешбинӣ намудани қарзҳои имтиёзнок барои оилаҳои ҷавон барои харидорӣ ва сохтмони манзили истиқоматӣ.**

## 2.14. Ҳуқуқ ба саломатӣ

Ҳар як шахс ҳуқуқ ба саломатӣ дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи таъмини ҳифзи муҳити зист, таъсис додани шароити мусоиди меҳнат, истироҳат, тарбия ва таҳсил, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти босифат, инчунин ба аҳолӣ расонидани кӯмакҳои тиббӣ-иҷтимоии дастрас таъмин карда мешавад.

Дар тақвияти муқаррароти санадҳои байналмилалӣ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи давлат кафолат дода шудани ҳифзи саломатии инсон ва аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигоҳдории тандурустии давлатӣ истифода бурдани шаҳрвандон як қатор санадҳои дахлдор қабул карда шудааст. Аз ҷумла, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ», «Дар бораи ҳимояи ғизодиҳии табиии кӯдакон», «Дар бораи фаъолияти хусусии тиббӣ», «Дар бораи тибби оилавӣ», «Дар бораи солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ», «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020», «Барномаи рушди тибби оилавӣ барои солҳои 2011-2015» ва ғайра, ки ба таъмин, таҳкими солимии аҳолӣ ва фароҳам овардани муҳити солими зист нигаронида шудаанд.

Ба шаҳрвандон дар муассисаҳои низоми давлатии тандурустӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмаки ройгони тиббӣ-санитарӣ расонида мешавад. Кӯмаки тиббии фаврӣ дар ҳар муассисаи табобатӣ-профилактории наздик, новобаста аз тобеияти идоравӣ ва ҳудудӣ, инчунин шакли моликият ройгон таъмин карда мешавад.

Фаъолияти хусусии тиббӣ аз тарафи муассисаҳои хусусии тиббӣ, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ таъсис дода мешаванд, тибқи Қонун «Дар бораи фаъолияти хусусии тиббӣ» амалӣ карда мешавад. Ин фаъолият тибқи иҷозатнома анҷом дода мешавад. Пардохти ёрӣ ва хизмати муассиса ва

шахсони хусусии тиббӣ дар асоси шартномаҳои байни онҳо ва беморон, корхонаю ташкилотҳо ва идораҳои суғуртаи тиббӣ амалӣ карда мешавад.

Шахсе ҳуқуқи машғул шудан ба тибби халқиро дорад, ки таҳсилоти касбиро гузаштааст, шаҳодатномаи табиби халқӣ ва иҷозатнома дорад. Чунин фаъолият тибқи Қонун «Дар бораи тибби халқӣ» амалӣ карда мешавад. Тибқи Қонуни мазкур табибони халқӣ вазифадоранд, ки бо хоҳиши беморон ба онҳо оид ба сифат, судмандӣ, бехатарӣ ва таъсири аксуламали маводи доруворӣи тибби халқӣ ва усулҳои табобат иттилоот диҳанд.

Бо мақсади коҳиш додани ташхис ва табобат дар хориҷи кишвар, дар муассисаҳои тибби кишвар намудҳои нави ташхис ва табобати бемориҳои дил, чашм, гурда, саратон ва ғайра ҷорӣ карда шудааст.

Дар радифи ин пешравиҳо чӣ хеле ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, мушкилоту камбудиҳо низ дида мешаванд.

Ҳолатҳои маъмули халалдоршавии ҳуқуқи инсон дар ин самт инҳоянд: дар сатҳи паст қарор доштани хизматрасониҳои тиббӣ; талаб намудани ҳаққи муолиҷа ё ҷойи хоби беморон; вайрон намудани шароит ва низоми муолиҷа; ба фурӯш бароварда шудани доруворӣҳои мӯҳлаташон гузашта ё қалбакӣ (бесифат); бо сабаби арзиши баланд доштани доруворӣҳо дастрас набудани онҳо ба аксари аҳолӣ; дар ҳолати ғайрисанитарӣ нигоҳ доштани ҳӯҷраҳои ҷойи хоби беморон ва дигарҳо.

Ҳолати таъмини доруворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба онҳо дар сатҳи паст қарор дорад. Новобаста аз он, ки нуқтаҳои доруфурӯшӣ солҳои охир хеле зиёд шудаанд, арзиши доруворӣҳо барои аксари мардум дастнорас мебошанд, бахусус ба табақаҳои камбизоати аҳолӣ, ба мисли нафақахӯрон ва шахсони имкониятaшон маҳдуд. Ба ғайр аз ин, низоми назорат ба сифати доруворӣҳо ва воситаҳои техникии тиббӣ ба таври дахлдор ба роҳ монда нашудааст.

Тақозои замон аст, ки назорати мустақили ҷамъиятӣ ба ҳолати таъмин бо доруворӣ, воситаҳои техникӣ ва истифодаи онҳо, инчунин истифодаи кӯмакҳои башардӯстонаи воридшаванда аз ҷониби муассисаҳои табобатии давлатие, ки аз буҷети давлат маблағгузорӣ мешаванд, муқаррар карда шавад.

Шаҳрванд А.Х. дар мурочиаташ нисбати амалҳои сардухтури беморхонаи марказии ноҳияи Спитамени вилояти Суғд ва дар бораи хунукназарии табибон зимни табобати модараш, инчунин натиҷагирӣ накардан ва бе ҷавоб мондани мурочиаташ шикоят намудааст. Аз ҷавоби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дархости мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бармеояд, ки бинобар сабаби ҷой доштани камбудиҳо тибқи фармоиши Сардухтури беморхонаи марказии ноҳиявии ноҳияи Спитамен таҳти №109 аз 15.12.2010 мудири шӯъбаи бемориҳои дил О.Н. аз вазифа озод карда шуда, ба мудири шӯъбаи бемориҳои дарунӣ А.У. танбеҳ эълон карда шудааст ва ба духтури шӯъбаи бемориҳои дил Ё.Р. огоҳӣ дода шудааст.

**Дар самти таҳкими ҳуқуқ ба саломатӣ чунин тавсияҳо пешниҳод мешаванд:**

**- таҳкими шабакаи муассисаҳои тиббии ноҳиявӣ ва деҳот, аз ҷумла нуқтаҳои сайёре, ки метавонанд ба аҳолӣ кӯмаки тиббӣ расонанд ва дар зинаи аввал чорабиниҳои профилактикӣ гузаронанд, инчунин мусоидат намудан ба таъсиси клиникаҳои (дармонгоҳҳои) хусусии тиббӣ;**

**- андешидани тадбирҳои таъхирнопазир оид ба беҳтарсозии таъминоти моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, баррасии имконияти тардиҷан гузаштан ба суғуртаи тиббӣ;**

**- пурзӯр намудани назорати низоми нархгузорӣ ва сифати доруворихо дар нуқтаҳои доруфурӯшӣ;**

**- муқаррар намудани назорати мустақили ҷамъиятӣ ба табобат ва хизматрасониҳои тиббӣ, ҳолати таъмин бо доруворӣ, воситаҳои техникӣ ва истифодаи онҳо;**

**- андешидани чораҳо оид ба беҳтарсозии сифати хизматрасонӣ ва фароҳам овардани рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои тиббӣ.**

## 2.15. Баробарии гендерӣ

Тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мардону занон ҳуқуқи баробар доранд.

Дар Тоҷикистон ба масъалаи нақши зан дар ҷомеа аҳамияти махсус дода мешавад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати давлатии таъмини баробарҳуқуқии мардону занон дар соҳаи хизмати давлатӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқи интихобот ва ғайраро муқаррар кардааст.

Тоҷикистон дар байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда, Конвенсияи байналмилалии СММ «Дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои таъбизи занон»-ро ба тасвиб расонид.

Яке аз мақсадҳои Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмин намудани имкониятҳои баробари мардон ва занон барои солҳои 2001-2010» ин васеъ намудани намояндагии занон-роҳбарон дар мақомотҳои давлатӣ буда, нишондиҳандаи асосии ин мақсад таъмин намудани на кам аз 30%-и намояндагии занон дар мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ мебошад.

Бо мақсади таъмини ҳуқуқии баробарии марду зан дар самти таъин намудан ба вазифаҳои роҳбарикунанда, таъмини шароити ҳаматарафаи таълимӣ, ҷалби бештари духтарон ба таҳсил ба синфҳои 10-11 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006 Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016 тасдиқ карда шудааст.

Аз рӯи натиҷаи интихобот ба парламенти мамлакат, ки моҳи феврали соли 2010 гузаронида шуд, 5 зан аъзои Маҷлиси миллӣ ва 12 зан вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд.

Дар Маҷлисҳои вакилони халқи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 517 нафар занон вакили Маҷлиси вакилони маҳаллии вакилони халқ мебошанд.

Теъдоди заноне, ки дар мансабҳои гуногуни давлатӣ фаъолият доранд ба 4493 (24,8%) нафар расидааст.

Ҷиҳати муҳайё намудани шароити зарурӣ барои амалӣ намудани имконияти табиии занон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.05.2010 таҳти № 269 «Стратегияи

миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» тасдиқ карда шудааст.

Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 июли соли 2010 синни никоҳӣ аз 17-солагӣ ба 18-солагӣ баланд бардошта шуд. Зарурати баланд намудани синни никоҳӣ ба мақсади таъмин намудани ҳуқуқи духтарон ба гирифтани таҳсилот ва омодагии онҳо ба ҳаёти мустақилона, инчунин амалӣ намудани бандҳои ҷудогонаи Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак мебошад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар баррасии парламенти кишвар қарор дорад.

Дар назди Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи «Хадамоти дастгирии духтароне, ки нисбати онҳо зӯроварӣ истифода шудааст» амалӣ мешавад. Дар шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Хатлону Суғд ва 7 ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ 78 марказҳои иттилоотӣ-машваратӣ таъсис дода шудаанд, ки дар онҳо мутахассисон аз ҳисоби ҳуқуқшиносону равоншиносон ба таври ройгон ба шаҳрвандон кӯмак мерасонанд.

Айни замон 18 марказҳои бӯҳронӣ фаъолияти худро оид ба дастгирии ҳуқуқию равонии занону духтарон давом дода истодаанд. Маркази бӯҳронии «Боварӣ»-и назди Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мурочиаткунандагон машваратҳои ҳуқуқӣ ва равонии ройгон мерасонад.

Бо фармони Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2010 дар мақомотҳои корҳои дохилӣ вазифаи нозир оид ба муқовимат бар зидди зӯроварӣ дар оила таъсис дода шудаанд.

Новобаста аз он ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳои мушаххас ва мусбӣ оиди барҳам додани нобаробарии гендерӣ ва баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа андешида шудааст, баробарии воқеии онҳо ҳанӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст. Аз ҷумла, занон то ҳол ба таҳсилот, қарзҳо, замин ва дигар захираҳо дастрасии баробар надоранд.

Таҳлили гендерии кормандони ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ нишон медиҳад, ки дар ин сохторҳо намояндагии мардон ва занон баробар нест.

Сабабҳое, ки монеаи пешравии занон дар кори роҳбарӣ мегарданд, ва нақши занонро дар ҷомеа маҳдуд месозанд, бояд аз байн бардошта шаванд.

Новобаста аз он ки синни никоҳӣ айни замон аз 18-солагӣ муқаррар карда шудааст, ҳолатҳои никоҳи барвақтӣ ба назар мерасанд. Тибқи маълумоти омории Раёсати сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайди никоҳ дар миқёси ҷумҳурӣ дар соли 2011 94618 (2010 - 100440 – 5822 - то кам шудааст) адад расидааст. Қайди талоқ 6797 (соли 2010 6125 – 672 - то зиёд шудааст) ададро ташкил мекунад. Зиёд шудани шумораи талоқҳо ва вайроншавии оилаҳои ҷавон боиси нигаронӣ боқӣ мемонад. Сабаби асосии онҳо пеш аз ҳама никоҳи бармаҳали издивоҷкунандагон, омода набудани ҷавонон ба ҳаёти мустақил, дахолати падару модарони тарафҳо, муҳоҷирати меҳнатӣ ва надоштани манзили алоҳида ва маърифати оиладорӣ мебошад.

Ҳолатҳои дузанагӣ ё серзанагӣ ба мушоҳида мерасанд. Дар ин ҳолат мард ҳар вақт хоҳад бо тариқи соддаю осон аз ҳамсари худ ҷудо мешавад, занҳо ва фарзандони онҳо аз ҳуқуқи молу мулкӣ ва дигар кафолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ маҳрум мешаванд.

Масъалаи дигари нигароникунанда ин зиёд шудани шумораи гурӯҳҳои маргиналӣ аз ҳисоби занон мебошад. Тибқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2011 аз 3846 нафар шумораи умумии гирифторони бемории ВИЧ/СПИД 859 ва аз 7117 нафар беморони касалиҳои нашъамандӣ 238 нафарро занон ташкил медиҳанд.

**Вобаста ба масъалаҳои гендерӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:**

**- таъмини пурраи иҷрои меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалӣ намудани онҳо»;**

**- тезонидани қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»;**

- ташвиқу тарғиби афкору андешаҳо дар бораи баробарии гендерии марду зан, амали носазо будани зӯроварӣ дар оила;

- таҳлили қонунҳо ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ бо мақсади таъмин намудани кафолати ҳуқуқи занон ба ҷойи истиқомат, ба амволи бо шавҳар дар якҷоягӣ бадастоварда, новобаста аз он, ки муносибати заношӯии онҳо ба расмият дароварда шудааст ё не;

- ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи муайян намудани ҳолати ҳуқуқии зиндагии якҷояи мардону занони қайди ақди никоҳ надошта ва вазъи ҳуқуқии чунин шахсон, бастани аҳднома дар бораи молу мулк ва тартиби тақсим намудани молу мулк дар ҳолати қатъ гардидани муносибатҳои оилавӣ, пешбинӣ намудани масъалаи таъмин намудан ба манзил ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳо дар аҳдномаи никоҳ, иттилоотонии шахсони ба никоҳ воридшаванда оид ба аҳдномаи никоҳ, вазъи саломатии издивоҷкунандагон;

- таҳкими сохтории мақомоти корҳои дохилӣ, ки ба масъалаи зӯроварӣ дар оила сарукор доранд ва баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии кормандони онҳо;

- баланд бардоштани сатҳи иттилоотии аҳолӣ дар масъалаҳои муқовимат ба зӯроварӣ дар оила, ташвиқу тарғиб бар зидди хушунати оилавӣ, бахусус тавассути воситаҳои ахбори омма.

## 3. ХОТИМА

Соли 2011 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар радифи тағйироту пешрафтҳое, ки дар ҷумҳурӣ ва ҷаҳони муосир дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба амал омаданд, марҳилаи муҳими баланд шудани нуфуз ва эътибор гардид.

Дар ин сол мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон иштирокчии бевосита ва фаъоли аксари чорабиниҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон буд.

Нақш ва мавқеи мақомот дар гурӯҳҳои кории ҳукуматӣ оид ба масъалаҳои гуногуни ҳуқуқи инсон, аз ҷумла доир ба пешгирии шиканҷа, бекор кардани ҷазои қатл, таҳияи Маърӯзаҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чорабиниҳои дигар назаррас буд.

Нишондиҳандаҳои фаъолияти мақомот дар самти таъмини риояи ҳуқуқи инсон, барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншудаи шаҳрвандони Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва бетабаа, баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон нисбати соли гузашта тамоюли мусбӣ доштанд.

Ҳамкории пурмаҳсули байналмилалӣ имконият дод, ки фаъолияти мақомот таҳким ва тавсеа ёфта, робитаҳои мавҷуда мустаҳакам гардида, шарикони нав пайдо шаванд ва табодули таҷрибаҳои мусбӣ бо мақомоти ҳамсон дар дигар давлатҳо ба вуқӯъ пайвандад.

Дар соли 2011 татбиқи Стратегияи мақомот оғоз карда шуд, ки дар он барои панҷ соли оянда самтҳои афзалиятноки фаъолият муайян карда шудаанд. Мусоидат ба ҳимояи ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ аз шиканҷа, ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ, ҳимояи ҳуқуқи инсон дар низоми муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, мусоидат ба озодии ВАО ва ибрози ақида, ҳимояи гурӯҳҳои осебпазир, ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз қабили афзалиятҳои асосии фаъолияти мақомот мебошанд.

Дар самти тақвияти институтсионалии Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, бозомӯзии кадрҳо дар дохили кишвар ва берун аз он, таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба шаклҳои алоҳидаи фаъолият, ҷорӣ намудани шаклҳои муосири фаъолият (таҳияи махзани электронии маълумоти муроҷиати шаҳрвандон, таъсиси сомона), таъмини дастрасии мақомот дар минтақаҳо (таъсиси қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ), ҳамчунин кор бо васоити ахбори омма диққати махсус дода шуд.

Як қатор пешниҳодҳои мақомот дар хусуси мукаммалгардонии механизмҳои мавҷудаи озодӣ аз шиканҷа, низоми адвокатура, зӯроварӣ дар

оила, низоми боздиди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз муассисаҳои пӯшида ва нимпӯшида ва ғайраҳо аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ дастгирӣ ёфта, ҷиҳати ҳалли онҳо тадбирҳои мушаххас андешида шуда истодааст.

Дар маҷмӯъ таҳлилҳои дар Маърӯза овардашуда аз он далолат медиҳад, ки аҳолии ҷумҳурӣ, мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҳадафу вазифаҳои ин мақомоти навтаъсис беш аз пеш огоҳ шуда, боварӣ нисбати ин мақомот меафзояд.

Чунончи аз Маърӯза бармеояд, дар баробари пешравиҳои муайян дар аксари самтҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон мушкилот мавҷуд аст, ки аз мақомоти дахлдори давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ андешидани чораҳои ҷиддӣ ва таъхирнопазирро тақозо менамоянд. Нуқсонҳо дар қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи онҳо, номукаммалии механизмҳои мавҷудаи миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон, начандон шаффоф будани фаъолияти мақомоти давлатӣ, сатҳи нокифояи рушди иқтисодиёт ва камбизоатии аҳолӣ аз монеаҳои асосии пешрафти ҳуқуқи инсон дар ҷумҳурӣ маҳсуб меёбанд.

Хусусан сатҳи пасти маърифати аҳолӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон нигаронкунанда буда, мардум аз ҳуқуқҳои оддии худ бархӯрдор нестанд ва чунин ҳолат вазъи онҳоро душвор мегардонад.

Дар ин раванд мақомоти Ваколатор оид ба ҳуқуқи инсон ҷидду ҷаҳд дорад, ки имкониятҳои худро тавсеа диҳад. Бо ин мақсад дар маркази вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Айнӣ қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дода шуданд. Дарояндаи наздик чунин Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ низ таъсис дода мешаванд.

Ҷамъбасти фаъолияти мақомоти Ваколатор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2011 ҳамчунон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин мақомот дар механизми мавҷудаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ҷойи худро мустаҳакам намуда, дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон саҳм мегузорад.

Дар баробари ин бояд дарк кард, ки сохторҳои ҳукуматӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама шаҳрвандони ҷумҳурӣ аз ин мақомот ҷидду ҷаҳди

бештарро дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои худ интизоранд ва умед доранд, ки ин мақомот дар роҳи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон гомҳои қатъӣ мебардорад ва барои ин имконият ва захираҳои заруриро низ доро мебошад.

Дарвоқеъ, дар соли 2011 барои фаъолияти самарабахши минбаъдаи мақомот заминаҳои зарурии ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ фароҳам оварда шуданд ва онҳо имконият медиҳанд, ки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи салоҳияту ваколатҳои пешбинишуда ҷиҳати таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншудаи шаҳрвандон тадбирҳои мушаххас андешад.

Рушду ташаккули Тоҷикистон аз пешрафти ҳуқуқу озодиҳои инсон вобастагии зич дорад. Расидан ба ҳадафҳои мазкур ҷидду ҷаҳди пеш аз ҳама тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ – қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ, ки таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҷавҳари фаъолияти онҳоро ташкил медиҳад, инчунин сохторҳои ҷомеи шаҳрвандӣ ва худи шаҳрвандонро талаб менамояд.

Боварӣ дорем, ки Маъруӯзаи мазкур дар ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои татбиқи тавсияҳои дар он пешниҳодшуда чораҳои мувофиқ ва саривақтӣ андешида мешаванд.